اللغة الطاجيكية

# التَّوْحِيدُ الْمُيَسَّرُ


المؤلف

عبد الله بن أحمد الحُويل

المترجم

شهاب الدين صالح


# ТАВҲИДИ ОСОН


Муаллиф
Абдуллоҳ ибни Аҳмад ал-Ҳувайл
Тарҷумон
Шаҳобиддин Солеҳ

## Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим
## Пешгуфтор

Ҳамду сипос барои Аллоҳ, ки Парвардигори оламиён аст ва салоту салом бар хотами анбиё ва расулон, паёмбарамон Муҳаммад ва бар аҳли Ӯ ва ҳамсуҳбатони Ӯ ба якборагӣ нозил бод ва баъд:

Пас ин пораи нофеъ ва масъалаҳои ҷомеъ ва фоидаҳои бисёр накӯ дар боби тавҳид, ки Аллоҳ амалеро бе он қабул намекунад ва аз бандае розӣ намешавад, магар ба таҳқиқи он.

Ва ба таҳқиқ ин "пораи мухтасар" зобитҳо, қоидаҳо ва тақсимҳоеро дар бар мегирад, ки барои хонанда чизҳои парокандаро ҷамъ меорад ва барои ӯ чизҳои парешонро қайд менамояд ва барои ӯ илмро дар зеҳнаш тартиб медиҳад. Ва вақте ки чиз дониста намешавад, магар ки ду амр дониста шавад:

1-Ҳақиқати он.

2-Ва баёни зидди он.

Бар тавзеҳи ҳақиқати "тавҳид" ва баёни усул ва ақсоми он кӯшиш намудам. Сипас зикри "зидди тавҳид" ва он "ширк" аст, афзудам ва онро таъриф намудам ва суратҳо, анвоъ ва аҳкоми онро тавзеҳ додам, зеро: الضد يظهر حسنه الضد وبضدها تتميز الأشياء

Ҳусни зидро зидди он ошкор месозад ва ба зидди он чизҳо ҷудо мешаванд.

Ва ҳаргиз ҷамоли тавҳид ва фазли он ошкор намегардад, магар ба шинохтани қабеҳии ширк ва хатари он. Ва ба дурусти ба ин мухтасар мавзеъҳои муҳими дигарро изофа намудам, ки муваҳҳид (яктопараст) аз маърифати он бениёз нест.

Ва ба дурусти дар тартиби масъалаҳо, ҷобаҷокунии онҳо ва тақсими онҳо кӯшиш намудам ва ба ҳудуд ва таърифҳо бо зикри шоҳидҳои далелҳо ба таври мухтасар аҳамият додам, то ки ин "пора" ҳифзу фаҳмаш осон бошад.

Ва аз дуру дарозӣ малоловар ва аз ихтисори халаловар дурӣ намудам ва ин рисоларо дар миёни ин ду қарор додам. Пас, агар

ба ҳақ расида бошам, пас аз ҷониби Аллоҳи ягона аст ва агар хато карда бошам, пас аз ҷониби ман ва шайтон аст.

Ва ин нубза (пора)-ро аз китобҳои олимони муваҳҳиди муҳаққиқ ҷамъоварӣ намудам ва онро "ат-Тавҳид-ул-муяссар" номидам, дар ҳоле ки Мавлои тавоноро мепурсам, ки ба он фоида диҳад ва онро дар мизони ҳасанотам дар рӯзе, ки бо Ӯ вомехӯрам, қарор диҳад.

Ва Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва бар аҳли Ӯ ва ҳамсуҳбатони Ӯ салоту салом бифиристад.

АБДУЛЛОҲ ИБНИ АҲМАД АҲ-ҲУВАЙЛ

## Таърифи тавҳид

Тавҳид дар луғат:"Масдари ваҳҳада юваҳҳид-уш-шайъ изо ҷаъалаҳу воҳидан", яъне он чизро якто қарор дод, вақте ки онро якто мегардонад.

Мисол, вақте гӯӣ:Аз маҷлис ягон нафар нахезад, магар танҳо Холид. Ту Холидро дар хестани аз маҷлис танҳо қарор додӣ.

Тавҳид дар шариат:Аллоҳ таъолоро дар:

1-Рубубият (парвардигорӣ).

2-Ва улуҳият.

3-Ва асмо (номҳо) ва сифоташ ягона донистан, мебошад.

## Қисмҳои тавҳид

Тавҳид ба се қисм тақсим мешавад:

1-Тавҳиди рубубият.

2-Тавҳиди улуҳият.

3-Тавҳиди асмо ва сифот (номҳо ва сифатҳо).

Акнун таърифи ҳар қисми он бо баёни далелаш.

**Навъи тавҳид**:Тавҳиди рубубият. Таърифи он:Аллоҳ азза ва ҷалларо дар офариниш ва мулк ва идора кардан ягона эътиқод намудан аст. Ё мегуем:Он Аллоҳ азза ва ҷалларо дар феълҳояш ягона эътиқод кардан аст. Мисолҳо бар феълҳояш:Офаридан, ризқ додан, зинда гардонидан, миронидан, фурӯ овардани борон, рӯйёнидани дарахт...ва ғайри ин.

Далели он:

"Огоҳ бошед, ки офариниш ва фармонравоӣ аз они Ӯст". (Аъроф:54)

"Ва фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Аллоҳ аст". (Оли Имрон:189)

"Бигӯ:Чи касе шуморо аз осмон ва замин рӯзи медиҳад? Кист, ки молики шунавоӣ ва биноиҳост? Ва чи касе зиндаро аз мурда берун меоварад ва мурдаро аз зинда берун меоварад? Пас бедаранг хоҳанд гуфт:Аллоҳ. Пас бигӯ:Оё (аз Ӯ) наметарсед?!". (Юнус:31)

**Навъи тавҳид**:Тавҳиди улуҳият (ва тавҳиди ибодат номида мешавад).

Таърифи он:Он ягона донистани Аллоҳ азза ва ҷалла дар феълҳои бандагон аст.

Мисолҳо:Монанди намоз, рӯза, ҳаҷ, таваккул, назр, тарс, умед, муҳаббат...ва ғайри ин.

Далели он:

"Ва Ман ҷинну инсро наёфаридаам, магар барои ин ки Маро ибодат кунанд". (Зориёт:56)

"Ва Аллоҳро бипарастед ва чизеро бо Ӯ шарик магардонед". (Нисо:36)

"Ва (Мо) пеш аз ту ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳӣ кардем, ки маъбуди (ҳаққе) ҷуз Ман нест, пас танҳо Маро ибодат кунед". (Анбиё:25)

**Навъи тавҳид**:Тавҳиди асмо ва сифот.

Таърифи он:Он васф намудани Аллоҳ ба он чизе ки Худашро ба он васф намуда ва ба он Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам Ӯро васф намудааст, аз сифатҳои камол ва ҷалол бетакйиф ва бетамсил ва бетаҳриф ва бетаътил.

Далели он:

"Ҳеҷ чиз монанди Ӯ нест ва Ӯ шунавои биност". (Шуро:11)

"Ва барои Аллоҳ, номҳои нек аст, пас ба он (номҳо) Ӯро бихонед ва касоне ки дар номҳояш таҳриф (ва каҷравӣ) мекунанд, раҳо кунед, ба зуди онҳо кайфари он чиро мекарданд, дода мешаванд". (Аъроф:180)

## Фоидаҳои муҳим

Якум:Қисмҳои сегонаи тавҳид сахт боҳам вобастаанд, ҳар як навъи он аз дигараш ҷудо намешавад, пас нафаре ба навъе аз он имон орад ва ба навъи дигараш имон наорад, муваҳҳид (яктопараст) намебошад.

Дуюм:Донад, ки кофироне, ки бо онҳо Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷангид, ба тавҳиди рубубият (парвардигорӣ) иқрор доштанд. Пас онҳо эътироф доранд, ки Аллоҳ ҳамон офаридгор, рӯзидиҳанда, зинда гардонанда, миронанда, нафъовару зарардиҳанда аст, ки ҳамаи умурро идора мекунад...ва ин

эътирофашон онҳоро дар Ислом дохил накард. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:

"Бигӯ:Чи касе шуморо аз осмон ва замин рӯзӣ медиҳад? Кист, ки молики шунавоӣ ва биноиҳост? Ва чи касе зиндаро аз мурда берун меоварад ва мурдаро аз зинда берун меоварад? Ва чи касе кори (ҷаҳон)-ро тадбир мекунад? Пас бедаранг хоҳанд, гуфт:Аллоҳ. Пас бигӯ:Оё (аз Ӯ) наметарсед!?". (Юнус:31)

Сеюм:Тавҳиди улуҳият ҳамон мавзӯи даъвати расулон аст, зеро он асосест, ки бар он ҳамаи амалҳо бино карда мешавад. Ва беиҷрои он ҳамаи амалҳо дуруст намешавад, албатта ҳаргоҳ он амалӣ нашавад, зидди он ҳосил мешавад ва он ширк аст.

Ва меҳвари хусумат дар байни расулон ва умматҳояшон ҳамин тавҳид буд. Пас ба он иноят додан ва омӯхтани масъалаҳои он ва фаҳмидани усули он воҷиб мебошад.

**Аҳамияти тавҳид ва фазли он**

1-Тавҳид бузургтарин аркони Ислом аст ва бузургтарин сутунҳои он аст. Ва барои шахсе имкон надорад, ки дар Ислом дохил шавад, магар вақте ки ба тавҳид шаҳодатӣ диҳад ва убудият (бандаги)-ро барои Аллоҳ иқрор намояд ва аз ғайри он нафй намояд.

Паёмбар алайҳис салоту ва салом фармуд:"Ислом бар панҷ (поя) бино шудааст:

-Гувоҳи додани ин ки нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст.

-Ва барпои намоз.

-Ва адои закот.

-Ва рӯзаи моҳи Рамазон.

-Ва ҳаҷҷи Хона (яъне хонаи Аллоҳ)". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

2). Тавҳид муҳимтарини муҳимҳо ва нахустини воҷибҳост. Пас он бар ҳамаи амалҳо пеш аст ва собиқи ҳамаи муҳимҳост, аз рӯи манзилату аҳамияти бузургаш.

Ва он нахустин чизест, ки ба сӯяш даъват карда мешавад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам вақте Муоз разияллоҳу

анҳуро ба сӯи Яман фиристод, фармуд:"Албатта ту ба назди қавме аз аҳли китоб меоӣ, пас аввалин чизе ки ба сӯи он даъват мекунӣ, шаҳодати ин ки нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ мебошад" ва дар ривояте:"то ки Аллоҳро ягона бипарастанд". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

3). Ибодатҳо қабул намешавад, магар ба тавҳид. Пас он шарти дурустии ибодатҳо ва асоси қабули он аст. Ва ибодат, ибодат номида намешавад, магар бо тавҳид, ҳамчуноне ки намоз, намоз номида намешавад, магар бо таҳорат. Пас ҳаргоҳ дар ибодат ширк дохил шавад, ибодат фосид мешавад, ҳамчуноне ки бетаҳоратӣ дар таҳорат дохил шавад. Ва ибодат бетавҳид ширк мегардад, ки амалро фосиду бекор месозад ва соҳибаш аз ҷумлаи ҳамешагонӣ дар Дӯзах мегардад.

4). Тавҳиду сабаби амну ҳидоят дар дунё ва охират аст. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:

"Онон, ки имон оварданд ва имони худро ба зулм наёлуданд, эминӣ аз они онҳост ва онҳо ҳидоятшудагонанд". (Анъом:82)

Ва мурод ба зулм дар инҷо ширк аст, ҳамонгуна ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам баён намуданд[1].

Ибни Касир раҳимаҳулоҳу таъоло мегӯяд:"Яъне ононе ки ибодатро холис барои Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест, гардониданд ва ба Ӯ чизеро шарик наоварданд, онон касоне ҳастанд, ки дар рӯзи қиёмат дар амн ҳастанд, дар дунёву охират ҳидоятёфтагонанд. Пас касе тавҳидро ба ваҷҳи пурра биорад, пас амну ҳидояти пурра аз они ӯст ва беазоб дохили Ҷаннат шавад".

Ва ширк зулмтарини зулм ва тавҳид адлтарини адл аст.

5). Тавҳид сабаби дохил шудани Ҷаннат ва наҷот аз оташи Дӯзах мебошад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:(Касе ки гувоҳи диҳад бар ин ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи ягона нест ва шарик надорад ва ҳароина Муҳаммад банда ва паёмбари Ӯст ва ба таҳқиқ Исо бандаи Аллоҳ ва расули Ӯст ва калимаи Ӯст, ки онро ба сӯи Марям фиристод ва рӯҳест аз тарафи Аллоҳ ва Ҷаннат ва Дӯзах

[1] Бухорӣ 2/484 аз ҳадиси Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу.

ҳақ аст, Аллоҳ ӯро бар ҳар амале, ки дорад, дохили Ҷаннат мекунад". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Ва Паёмбар алайҳис салоту ва салом фармуд:"Албатта Аллоҳ шахсеро, ки ло илоҳа иллаллоҳ мегӯяд, дар ҳоле ки ба ин гуфтораш ризои Аллоҳро мехоҳад, бар оташи Дӯзах ӯро ҳаром гардонида аст". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

6). Тавҳид наҷот аз сахтиҳои дунё ва охират аст: Ибни Қайим, Аллоҳ таъоло ӯро раҳмат кунад, гуфт:"Тавҳид паноҳгоҳи душманон ва авлиёаш аст".

А-Аммо душманонаш, пас онҳоро аз душвориҳои дунё ва сахтиҳои он наҷот медиҳад.

"Пас, ҳаногме ки дар киштӣ савор шаванд, Аллоҳро бо ихлос мехонанд, пас чун (Аллоҳ) онҳоро (бо овардани) ба хушкӣ наҷот дод, боз онон ширк меоваранд". (Анкабут:65)

Б-Ва аммо дӯстонаш, пас онҳоро аз душвориҳои дунё ва охират ва сахтиҳои он ду наҷот медиҳад, пас ин суннати Аллоҳ дар бандагонаш аст, пас чизе сахтиҳои дунёро дур намекунад ба монанди тавҳид. Ва барои ин дуои душвориҳо ба тавҳид буд. Ва дуои Зинун, ки шахси ғамдоре ба он дуо намекунад, магар ки Алоҳ дарду ғамашро ба тавҳид бартараф мекунад.

Пас дар душвориҳои бузург намеандозад, магар ширк ва аз душвориҳои бузург наҷот намедиҳад, магар тавҳид, пас он паноҳу паноҳгоҳи халқ ва фарёдрасӣ онон аст.

7). Тавҳид ҳамон ҳикмати офариниши инсону ҷин аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ва Ман ҷинну инсро наофаридаам, магар барои ин ки Маро ибодат кунанд". (Зориёт:56) яъне танҳо Маро бипарастанд.

Пас расулон фиристода нашудан ва китобҳо нозил карда нашудан ва қонунҳо гузошта нашуданд ва халқ офарида нашуд, магар ки Аллоҳ ба ягонагияш парастида ва ибодат карда шавад, на ғайри Ӯ.

# Ло илоҳа иллаллоҳ
# "Нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ"

Далели он:Фармудаи Ӯ таъолост:"Аллоҳ гувоҳӣ додааст, ки маъбуди (ба ҳақ) ҷуз Ӯ нест ва фариштагон ва соҳибони дониш (низ бар ин матлаб гувоҳӣ медиҳанд). Дар ҳоле ки (аллоҳ дар ҷаҳони ҳастӣ) қиём ба адолат дорад, маъбуди (ба ҳақ) ҷуз Ӯ нест, ки тавонманди ҳаким аст". (Оли Имрон:18)

Ва фармудаи Ӯ таъолост:"Пас бидон, ки нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ". (Муҳаммад:19)

Маънои он:Маъбуди бар ҳаққе нест ба ҷуз Аллоҳ. Маънои дигари он ботил аст.

1-Маъбуде ба ҷуз Аллоҳ нест. Ва ин маъно ботил аст, зеро маънои он ин аст, ки ҳамаи маъбуди барҳақ, ё ботил ҳамон Аллоҳ аст.

2-Офаридгоре ба ҷуз Аллоҳ нест. Ва ин ҷузъе аз маънояш аст, лекин мақсад ин нест, зеро агар ҳамин маънои ло илоҳа иллаллоҳ бошад, дар байни Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва қавмаш низоъ намешуд, зеро онҳо ба ин маъно иқрор доштанд.

3-Ҳукм танҳо барои Аллоҳ аст. Ва ин низ ҷузъе аз маънояш аст, лекин ин кифоя нест ва мақсад ин нест, зеро агар Аллоҳ ба ҳокимият ягона üдониста шавад, лекин ғайри Ӯ парастида шавад, тавҳид ҳосил намешавад.

Аркони он

Ду рукн дорад:

1-Нафй (ло илоҳа) яъне ин ки ибодатро аз ҳар он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, нафй мекунад.

2-Исбот (иллаллоҳ), яъне ин ки ибодатро барои Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест, исбот намояд. Далел фармудаи Ӯ таъолост: "Пас ҳар касе ба тоғут куфр варзад" ин нафй аст "Ва ба Аллоҳ имон орад" ин исбот аст "пас ба рости ки ба дастгираи маҳкаме чанг задааст". (Бақара:256)

Ва фармудаи Ӯ:"Ва (ба ёд ор) ҳангоме ки Иброҳим ба падараш ва қавмаш гуфт:Бегумон ман аз он чи мепарастед, безорам" ин

нафй аст "магар он касе, ки маро офарид" ин исбот аст "пас Ӯ ба зуди ҳидоятам хоҳад кард". (Зухруф:26-27)

Кай гуфтани "ло илоҳа иллаллоҳ" инсонро фоида медиҳад?

1-Ҳаргоҳ маъноящро донад.

2-Ва ба талаботи он амал намояд. (Ва он тарки ибодати ғайри Аллоҳ ва ба ҷо овардани ибодати Аллоҳи ягона аст).

## Шартҳои "ло илоҳа иллаллоҳ"

Зикри онҳо ба таври муҷмал:

Ло илоҳа иллаллоҳ гӯяндаашро фоида намедиҳад, магар вақте ки шартҳояшро ба ҷо орад ва он ҳашт шарт аст:

1-Илме, ки ҷаҳлро нафй намояд.

2-Яқине, ки шакро нафй намояд.

3-Ихлосе, ки ширкро нафй намояд.

4-Сидқ, ки дурӯғро нафй намояд.

5-Муҳаббат, ки бадбиниро нафй намояд.

6-Сар фурӯ овардане, ки таркро нафй намояд.

7-Қабул, ки рад карданро нафй намояд.

8-Куфр варзидан ба он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад.

Шеъре, ки инҳоро ҷамъ меорад:

علم يقين وإخلاص وصدقك مع     محبة وانقياد والقبول لها

وزِدْ ثامنها الكفران منك بما     سوى الإله من الأوثان قد أُلِّها

Илм, яқин, ихлос ва сидқи ту бо муҳаббат ва сар фурӯ овардан ва қабули он ва ҳаштумашро биафзо кофир шуданат ба ҷуз илоҳ аз батҳо, ки ба дурусти илоҳ гирифта шудааст.

Зикри шартҳо ба таври муфассал

1-Илме, ки ҷаҳлро нафй намояд. Маънояш:Донистани маънои "ло илоҳа иллаллоҳ" аз рӯи нафю исбот. Далел фармудаи Ӯ таъоло: "Пас бидон, ки нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ". (Муҳаммад:19)

2-Яқине, ки нафйкунандаи шак аст. Маънояш:Гӯяндааш бар яқини пурра бошад ба ин ки Аллоҳ ҳамон маъбуди бар ҳақ аст. Далел фармудаи Ӯ таъолост:"Албатт мӯъминон он касонеанд, ки ба Аллоҳ ва расули Ӯ имон овардаанд ва баъдан ҳеҷ шак накардан, инҳо ростгӯ ҳастанд". (Ҳуҷурот:15)

3-Ихлос, ки нафйкунандаи ширк аст, маънояш:Ин ки ҳамаи ибодатҳоро холис барои Аллоҳи ягона намоӣ ва чизе аз онро барои ғайри Аллоҳ сарф нанамоӣ. Далел фармудаи Ӯ таъолост: "Ва амр нашуда буданд, магар ин ки Аллоҳро ба ихлоси комил дар дин парастиш кунанд". (Байина:5)

4-Сидқ, ки нафйкунандаи дурӯғ аст. Маънояш, ин ки калимаи тавҳидро бигӯӣ ва ту дар гуфторат содиқ (ростгӯ) бошӣ, қалбат забонатро мувофиқат кунад. Далел фармудаи Ӯ таъолост: "Алиф лом мим. Оё гумон карданд мардум, ки раҳояшон карда мешавад, вақте гуфтанд:Имон овардем ва имтиҳон карда намешаванд? Албатта мо имтиҳон кардем касонеро, ки пеш аз инҳо буданд. Пас албатта Аллоҳ ростгӯён ва дурӯғгӯёнро медонад". (Анкабут:1-2)

5-Муҳаббате ки нафйкунандаи бадбинӣ аст. Маънояш ин ки калимаро бигӯӣ ва ту Аллоҳ ва расулаш саллаллоҳу алайҳи ва салламро ва ин калима ва бар он чизе ки далолат мекунад, дӯст бидорӣ. Далел фармудаи Ӯ таъолост: "Ва аз мардум касоне ҳастанд, ки ба ҷуз Аллоҳ ҳамтоён мегиранд, онҳоро монанди дӯстии Аллоҳ дӯст медоранд. Ва касоне ки имон овардаанд, дар дӯстии Аллоҳ қавитаранд". (Бақара:165)

6-Итоат, ки нафйкунандаи тарк аст. Маънояш ин ки Аллоҳи ягонаро бипарастӣ ва барои шариаташ сар фурӯ орӣ ва ба он имон биёрӣ ва эътиқод кунӣ, ки он ҳақ аст. Далел фармудаи Ӯ таъолост: "Ва ба сӯи Парвардигоратон боз гардед ва дар баробари Ӯ таслим шавед". (Зумар:54)

7-Қабул, ки нафйкунандаи рад аст. Маънояш ин ки ин калимаро қабул намоӣ ва бар он чизе ки ин калима далолат мекунад, қабул намоӣ, яъне аз ихлоси ибодат барои Аллоҳ ва тарки ибодати ғайри Ӯ. Далел фармудаи Ӯ таъолост:"Онҳо (дар дунё чунон) буданд, ки чун ба онҳо гуфта мешуд:Маъбуде (ба ҳақ) ҷуз Аллоҳ нест, саркашӣ (ва такаббурӣ) мекарданд ва мегуфтанд:Оё мо маъбудонамонро ба хотири (сухани) шоири девона раҳо кунем". (Соффот:35-36)

8-Куфр варзидан ба он чизе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида мешавад. Маънояш ин ки аз ибодати ғайри Аллоҳ безорӣ намоӣ ва эътиқод

кунӣ, ки он ботил аст. Далел фармудаи Ӯ таъолост: "Пас ҳар касе ба тоғут куфр варзад ва ба Аллоҳ имон орад, пас ба ростӣ ки ба дастгираи маҳкаме чанг задааст". (Бақара:256)

## Шаҳодати ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст

Далели он, фармудаи Ӯ таъолост: "Ба дурусти паёмбаре аз (миёни) худатон ба сӯятон омад, ки ранҷҳои шумо бар Ӯ душвор (ва гарон) аст ва бар (ҳидояти) шумо сахт исрор дорад ва (нисбат) ба мӯъминон рауфу меҳрубон аст". (Тавба:128)

Ва фармудаи Ӯ таъоло:"Ва Аллоҳ медонад, ки бегумон ту фиристодаи Ӯ ҳастӣ". (Мунофиқон:1)

Маънои он тасдиқи устувор аз самими қалб, ки мувофиқи қавли забон аст, ба ин ки Муҳаммад бандаи Аллоҳ ва расули Ӯ ба сӯи ҳамаи сақалайн, инсонҳои онҳо ва ҷиннашон мебошад.

Аркони он

Ду рукн дорад:

1-Ба рисолаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам эътироф доштан. Далел фармудаи Ӯ таъоло:"Муҳаммад расули Аллоҳ аст". (Фатҳ:29)

2-Эътиқод доштан ба бандагии Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои Аллоҳ. Ва далел ин ки Аллоҳ ӯро дар бошарафтарин мақомҳо ба бандагӣ васф намудааст ва аз ҷумлаи он мақоми даъват аст, Аллоҳ таъоло фармуд: "Ва ин ки ҳангоме ки бандаи Аллоҳ (Муҳаммад) қиём кард, то Ӯро бихонад (ва ибодат кунад) наздик буд, ки (аз издиҳоми бар гирди Ӯ) бар сари ҳам фурӯ резанд". (Ҷин:19)

Пас Ӯ расулест, ки дурӯғгӯ карда намешавад ва банда аст, ки ибодат карда намешавад.

**Шартҳо ва талаботи он, чорто аст:**

1-Тасдиқи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар он чизе ки хабар додааст.

2-Тоати Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар он чизе ки амр кардааст.

3-Ва дурӣ ҷустан аз он чизе ки наҳй ва заҷр кардааст.

4-Ва ин ки Аллоҳ ибодат карда намешавад, магар ба чизе ки машрӯъ намудааст.

## Ширк, таъриф ва қисмҳои он

Таърифи ширк дар луғат:Он ба маънои шарик овардан ва муқоиса кардан аст. Ва дар шариат:Ғайри Аллоҳро ба Аллоҳ дар чизҳое ки аз хусусиятҳои Аллоҳ аст, баробар донистан мебошад.

Қисмҳои ширк:

1-Ширки акбар (бузург). Ва он ҳамаи ширкест, ки шориъ онро ширк гуфтааст ва хориҷ шудани инсон аз динашро дарбар гирад.

2-Ширки асғар (хурд):Он ҳар амале, ки қавлӣ бошад, ё феълӣ аз рӯи шаръ номи ширк, ё куфр бар он собит шудааст ва аз далолатҳои шаръ дониста шудааст, ки соҳиби он аз дин хориҷ намегардад.

### Фарқ байни ширки акбар ва асғар

Аз хилоли ҷадвали зерин фарқ возеҳ мешавад.

| Ширки акбар | Ширки асғар |
|---|---|
| Аз дин хориҷ мекунад. | Аз дин хориҷ намекунад. |
| Соҳибаш дар Дӯзах ҳамеша мемонад. | Соҳибаш дар Дӯзах ҳамеша намемонад. |
| Ҳамаи амалҳоро бекор мекунад. | Ҳамаи амалҳоро бекор намекунад ва албатта риё амалеро танҳо бекор мекунад, ки бо он омехта шудааст. |
| Хуну молро мубоҳ мегардонад. | Хуну молро мубоҳ намегардонад. |

## Навъҳои ширки акбар

Ширки акбар чор навъ аст.

Якум:Ширки дуост, далел фармудаи Ӯ таъоло: "Пас, ҳангоме ки дар киштӣ савор шаванд, Аллоҳро бо ихлос дуо мекунанд, пас чун (Аллоҳ) онҳоро (бо овардани) ба хушкӣ наҷот дод, боз онон ширк меоваранд". (Анкабут:65)

Дуюм:Ширки ният, ирода ва қасд аст, далел фармудаи Ӯ таъоло: "Касе ки зиндагонии дунё ва зиннати онро бихоҳад, (подоши) аъмолашро дар ин (дунё) ба таври комил ва тамом ба онҳо медиҳем ва чизе аз онҳо каму коста нахоҳанд шуд. Инон касоне ҳастанд, ки дар охират ҷуз оташи (Ҷаҳаннам, насибе) нахоҳанд

дошт ва он чиро дар дунё анҷом додаанд, бар бод рафтааст ва он чиро амал мекарданд, ботил аст". (Ҳуд:15-16)

Сеюм:Ширки тоат аст, далел фармудаи Ӯ таъолост:"(Онҳо) донишмандон ва руҳбони хеш ва (ҳамчунин) Масеҳ писари Марямро маъбудоне ба ҷои Аллоҳ гирифтанд, дар ҳоле ки дастур надоштанд ҷуз Аллоҳи яктоеро ки ҳеҷ маъбуде (ба ҳақ) ҷуз Ӯ нест, бипарастанд. Ӯ пок ва муназзаҳ аст аз он чи шарики Ӯ қарор медиҳанд". (Тавба:31) Ва тафсири он, ки дар он мушкилие нест: Тоати олимон ва ибодатгарон дар маъсият аст, на ононро ба дуо хондан аст, ҳамонгуна ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои Адӣ ибни Ҳотим разияллоҳу анҳу тафсир намуд, вақте ӯро пурсид, пас гуфт:Мо онҳоро намепарастидем, пас барои ӯ зикр намуд, ки ибодаташон тоати онҳо дар маъсият мебошад. (Ҳадис дар Тирмизӣ, дар зери рақами:3094 аст)

Чорум:Ширки муҳаббат аст, далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ва аз мардум касоне ҳастанд, ғайр аз Аллоҳ ҳамтоёнеро интихоб мекунанд ва онҳоро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд". (Бақара:165)

**Мисолҳои ширки акбар ва асғар**

Мисолҳои ширки акбар:

А-Ширки акбари ҷалӣ (ошкор):Барои ғайри Аллоҳ мол куштан, барои ғайри Аллоҳ назр кардан, ба ғайри Аллоҳ фарёдрасӣ кардан.

Б-Ширки акбари хафӣ (пӯшида):Монанди ширки мунофиқон ва риёи онҳо ва монанди тарси сиррӣ ва он аз ғайри Аллоҳ тарсидан дар он чизе ки бар он ғайри Аллоҳ қудрат надорад.

Мисолҳои ширки асғар (хӯрд):

А-Ширки асғари ҷалӣ (ошкор):Ба ғайри Аллоҳ қасам хӯрдан, гуфтани:Он чиро, ки Аллоҳ ва ту хостӣ, гуфтани:Агар Аллоҳ ва фулон намебуд.

Б-Ширки асғари хафӣ (пӯшида):Андаки риё, тияра (ба паранда фол задан).

Дуои нофеъ барои аз ширк нигоҳ доштан: Аз Абӯмусо разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт:Рӯзе Расулуллоҳ саллаллоҳу

алайҳи ва саллам ба мо хутба карда фармуд:"Эй мардум, аз ин ширк битарсед, пас албатта он аз ҷунбидани мурча пӯшидатар аст". Пас барои Ӯ касе Аллоҳ хост, ки бигӯяд, гуфт:Ва чигуна аз он тақво кунем ва он аз ҷунбидани мурча пӯшидатар аст, эй Расулуллоҳ?! Фармуд:"Бигуед:Эй Аллоҳ мо ба ту паноҳ мебарем аз ин ки ба ту чизеро дониста шарик қарор диҳем ва аз он чизе ки намедонем аз Ту талаби мағфират мекунем". (ривояти Аҳмад ва ин ҳадисро Албонӣ ҳасан гуфтааст, Аллоҳ ҳардуяшро раҳмат кунад).

## Таърихи ширк

Тавҳид ҳамон асл аст дар фарзанди Одам ва ширк чизи воридшуда аст. Ҳамонгуна ки Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо гуфт: "Байни Одам ва Нуҳ даҳ аср буд, ҳамаашон бар тавҳид буданд".

Аввалин боре ки ширк дар рӯи замин рӯх дод:Дар қавми Нуҳ алайҳис салом буд, вақте ки дар мардони некӯкор ғулув карданд ва суратҳои онҳоро кашиданд, сипас амри онон ба сӯи ибодати онон ба ҷуз Аллоҳ гашт. Пас Аллоҳ ба сӯи онон Нуҳ алайҳис саломро фиристод, ононро ба сӯи тавҳид даъват мекард.

Ширки дар қавми Мусо алайҳис салом, замоне пайдо шуд, ки гусоларо илоҳ қарор доданд.

Ширк дар Насоро:Пас аз бардоштани Исо алайҳис салом ба сӯи осмон рӯх дод. Булис, ки аз рӯи макру хидоъ имони ба Масеҳро ошкор мекард, омад. Пас дар дини Насоро таслис (сехудоӣ) ибодати салиб ва бисёре аз бутпарастиҳоро дохил намуд.

Ширк дар араб:Ба дасти Амр ибни Луҳайи Хузоӣ, ки дини Иброҳим алайҳис саломро тағйир дод ва бутҳоро ба сарзамини Ҳиҷоз овард ва ба ибодати онҳо амр кард, пайдо шуд.

Ширк дар уммати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам:Ба дасти шиъаи фотимиҳо баъди асри чорум, замоне ки мшҳадҳоро бар қабрҳо бино карданд ва бидъати мавлудҳоро дар Ислом пайдо карданд ва дар мардони некӯкор ғулув карданд, пайдо шуд. Ва инчунин дар вақти зуҳури аҳли тасаввуфи мунҳариф (каҷшуда), ки ба ғулуви дар шайхҳо ва асҳоби тариқатҳо мутамассил аст, пайдо шуд.

## Хатари ширк ва уқубатҳои он

1-Албатта Аллоҳ онро мағфират намекунад, вақте соҳибаш аз он тавба накарда бимирад. Далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ба дурусти Аллоҳ инро ки ба Ӯ ширк оварда шавад, намебахшад ва ғайр аз онро барои ҳар кас бихоҳад, мебахшад". (Нисо:48)

2-Соҳиби ширк аз дини Ислом хориҷу хуну молаш ҳалол аст, далел фармудаи Ӯ таъолост:"Пас, ҳангоме ки моҳҳои ҳаром поён пазируфт, мушриконро ҳар куҷо ёфтед, бикушед ва онҳоро (асир) бигиред ва онҳоро муҳосара кунед". (Тавба:5)

3-Албатта Аллоҳ таъоло аз мушрик амалеро қабул намекунад ва он амалҳое, ки собиқ анҷом додааст, ғубори пароканда мебошад. Далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ва Мо ба ҳаргуна амале ки анҷом додаанд, мепардозем, пас онро (чун) ғубори пароканда (дар ҳаво) қарор медиҳем". (Фурқон:23) Ва фармудаи Ӯ:"Ва ба ростӣ, ки ба ту ва ба касоне, ки пеш аз ту буданд, ваҳй шуд, ки агар ширк оварӣ яқинан аъмолат (табоҳ ва) нобуд мешавад ва аз зиёнкорон хоҳӣ буд". (Зумар:65)

4-Ба дурусти дохил шудани Ҷаннат бар ӯ ҳаром аст ва ӯ дар оташи Дӯзах мухаллад (доимӣ) аст. Далел фармудаи Ӯ таъоло: "Албатта ҳар кас ба Аллоҳ ширк орад, Аллоҳ Ҷаннатро бар ӯ ҳаром карда аст ва ҷойгоҳи ӯ Дӯзах аст ва барои золимон ёридиҳандае нест". (Моида:72)

## Навоқизи (шикanандаҳои) Ислом

Мақсад ба он фосидкунандаҳо ва ботилкунандаҳои он аст ва он бисёр аст, лекин хатарноктарини он ва бисёртарини он аз рӯи воқеъ шудан даҳтост:

Якум:Дар ибодати Аллоҳ шарик овардан. Ва аз ҳамин қабил аст, барои ғайри Аллоҳ мол куштан, монанди касе ки барои ҷин, ё қабр мол мекушад. Далел фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُ ﴾

"Ба дурусти Аллоҳ касонеро, ки ба Ӯ шарик овардаанд, намеомӯрзад. Ва ҳамаи гуноҳони дигарро барои ҳар ки бихоҳад, меомӯрзад". (Сураи Нисо, ояти:116)

Дуввум:Шахсе ки байни худ ва байни Аллоҳ воситаҳо мегирад, ононро ба дуо муроҷиат намуда ва аз онон шафоат талаб менамояд ва ба онон таваккал мекунад, пас ба таҳқиқ ба иҷмоъ кофир мешавад.

Сеюм:Шахсе, ки мушриконро кофир нашуморад, ё дар кофирии онҳо шак намояд, ё мазҳаби онҳоро дуруст гӯяд кофир мешавад.

Чорум:Шахсе эътиқод намояд, ки роҳнамои ғайри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурратар аз роҳнамоии Ӯст, ё ҳукми ғайри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ҳукми Ӯ хубтар аст, монанди касоне, ки ҳукми тоғутҳоро аз ҳукми Аллоҳ беҳтар медонанд, пас он кофир аст.

Панҷум:Шахсе чизеро, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он омада аст бад бинад ва агарчи ба он амал намояд, кофир мешавад.

Шашум:Шахсе чизе аз дини Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ё савобаш, ё азобашро истеҳзо (масхара) намояд, кофир мегардад. Ва далели ин фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ قُلۡ أَبِٱللَّهِ وَءَايَٰتِهِۦ وَرَسُولِهِۦ كُنتُمۡ تَسۡتَهۡزِءُونَ ٦٥ لَا تَعۡتَذِرُواْ قَدۡ كَفَرۡتُم بَعۡدَ إِيمَٰنِكُمۡۚ إِن نَّعۡفُ عَن طَآئِفَةٖ مِّنكُمۡ نُعَذِّبۡ طَآئِفَةَۢ بِأَنَّهُمۡ كَانُواْ مُجۡرِمِينَ ٦٦ ﴾

"Бигӯ! Оё ба Аллоҳ, оятҳои Ӯ ва фиристодаи Ӯ истеҳзо ва бозӣ мекардед, дигар узре нахоҳед, пас аз имонатон кофир гардидед". (Сураи Тавба, ояти:65-66)

Ҳафтум:Сеҳр (ҷоду) ва сарфу атф (гармию хунукӣ) аз ҷумлаи сеҳр аст. Пас касе онро ба ҷо орад, ё ба баҷо овардани он розӣ шавад, кофир мешавад. Ва далел фармудаи Ӯ таъоло аст:

﴿ وَمَا يُعَلِّمَانِ مِنْ أَحَدٍ حَتَّىٰ يَقُولَآ إِنَّمَا نَحْنُ فِتْنَةٌ فَلَا تَكْفُرْ ﴾

"Ҳеҷ касро он ду, чизе таълим надиҳанд, то он ки ба ӯ бигӯянд: Ҳамоно мо фитна (озмоиши бандагон) ҳастем, пас кофир нагардед". (Сураи Бақара, ояти:102)

Ҳаштум:Ёрию нусрат додани мушрикон ба зафар ёфтани онҳо бар мусалмонон. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمْ فَإِنَّهُۥ مِنْهُمْ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٥١﴾ ﴾

"Агар касе аз шумо онҳоро дӯст бигирад ӯ низ аз онҳост. Албатта Аллоҳ гурӯҳи золимонро ҳидоят намекунад". (Сураи Моида, ояти:51)

Нуҳум:Шахсе эътиқод намояд, ки бархе одамонро аз дини Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам баромадан мумкин аст, пас ӯ кофир аст ва далел фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ وَمَن يَبْتَغِ غَيْرَ ٱلْإِسْلَٰمِ دِينًا فَلَن يُقْبَلَ مِنْهُ وَهُوَ فِى ٱلْءَاخِرَةِ مِنَ ٱلْخَٰسِرِينَ ﴿٨٥﴾ ﴾

"Ҳар ки ғайр аз Ислом дини дигареро бихоҳад, аз ӯ пазируфта намешавад. Ва Ӯ дар қиёмат аз зиёндидагон бошад". (Сураи Оли Имрон, ояти:85)

Даҳум:Аз дини Аллоҳ рӯй гардонидан, яъне онро таълим намегирад ва ба муҷиби он амал намекунад. Далели ин фармудаи Ӯ таъолост:﴿ وَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّن ذُكِّرَ بِـَٔايَٰتِ رَبِّهِۦ ثُمَّ أَعْرَضَ عَنْهَآ ۚ إِنَّا مِنَ ٱلْمُجْرِمِينَ مُنتَقِمُونَ ﴿٢٢﴾ ﴾

"Ҳеҷ кас золимтар нест аз шахсе ки ба оятҳои Парвардигораш панд дод шуд, сипас аз он рӯй гардонид. Албатта мо аз гунаҳгорон интиқомгирандагонем". (Сураи Саҷда, ояти:22)

Ду танбеҳ: Якум:Дар ҳамаи ин шиканандаҳо фарқ байни масхаракунанда, ҷиддияткунанда, тарсанда нест, ба ҷуз шахси маҷбур карда шуда.

Дуюм:Ҳамаи ин шикананда бузургтарин хатаранд ва бисёртар мардум дар инҳо воқеъ мешаванд. Пас барои мусалмон воҷиб аст, ки аз инҳо парҳез намояд ва дар воқеъ шудани он битарсад.

## Ба тоғутҳо куфр варзидан

Таърифи тоғут дар луғат, аз туғён гирифта шуда ва он гузаштани ҳад аст.

Ва дар шариат:Он чизест, ки банда аз ҳаддаш мегузарад, яъне аз маъбуд, ё матбӯъ (пайравшуда), ё мутоъ (итоатшуда).

**Воҷиб будани куфри ба тоғут:**

Аввалин чизе ки Аллоҳ бар фарзанди Одам фарз гардонида аст, куфри ба тоғут ва имони ба Аллоҳ мебошад. Далел фармудаи Ӯ таъолост:"Албатта Мо дар (миёни) ҳар уммате паёмбареро фиристодем, ки Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут иҷтиноб кунед". (Наҳл:36)

**Сифати куфр варзидан ба тоғут:**

А-Ботил будани ибодати ғайри Аллоҳро эътиқод намоӣ ва онро тарк кунӣ ва бад бинӣ.

Б-Аҳли онро кофир шуморӣ ва бо онҳо душманӣ намоӣ.

**Сардорони тоғутҳо:**

Тоғутҳо бисёр аст, лекин сардорони онҳо панҷто аст:

1-Иблис, Аллоҳ ӯро лаънат кунад.

2-Ва касе ки ба ҷуз Аллоҳ парастида шавад ва ӯ розӣ бошад.

3-Ва касе ки мардумро ба сӯи ибодати худаш даъват намояд.

4-Ва касе чизе аз илми ғайбро даъво кунад.

5-Ва касе ки ба ғайри нозилкардаи Аллоҳ ҳукм кунад.

## Се асл

1-Маърифати банда Парвардигорашро.

2- Маърифати банда динашро.

3- Маърифати банда паёмбараш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва салламро.

Ва он саволҳои қабр аст.

Асли якум:маърифати банда Парвардигорашро. Ва дар ин чанд масъала аст:

1-Албатта Парвардигорамон ҳамон Аллоҳест, ки мо ва ҳамаи оламиёнро ба неъматҳояш тарбият намудааст.

2-Албатта Аллоҳ азза ва ҷалла ҳамон маъбуд аст ва барои мо маъбуде ҷуз Ӯ нест.

3-Парвардигорамонро ба оятҳояш ва махлуқҳои бузургаш шинохтем.

Пас, аз ҷумлаи оятҳои Ӯ шабу рӯз ва офтобу моҳтоб аст. Ва аз ҷумлаи махлуқҳои Ӯ ҳафт осмон ва ҳафт замин ва касе ки дар онҳост ва дар байни онҳост.

Асли дуввум:Маърифати банда динашро. Ва дар ин асл чанд масъала аст:

1-Дине, ки Аллоҳ ҷуз онро қабул намекунад, ҳамон дини Ислом аст.

2-Ислом, таслим шудан барои Аллоҳ ба тавҳид ва ба тоат барои Ӯ сар фурӯ овардан ва аз ширк ва аҳли о н безорӣ ҷустан, мебошад.

3-Мартабаҳои дин сето аст:Ислом, имон ва эҳсон.

Асли сеюм:Маърифати банда паёмбараш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва салламро.

Ва дар ин асл чанд масъала аст.

1-Ном ва насаби Ӯ:

Ӯ, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ва Ҳошим аз қурайш ва қурайш аз араб ва араб аз зуррияи Исмоил ибни Иброҳими Халил аст.

2-Умри Ӯ: Шасту се сол умр дошт, аз ҷумлаи он чил солаш пеш аз нубувват ва бистусе сол паёмбару расул буд.

3-Нубувват ва рисолати Ӯ: Ба "Иқра" набӣ шуд ва ба "ал-Муддассир" расул шуд.

4-Ватан ва ҷои ҳиҷрати Ӯ: Ватанаш Макка ва ба сӯи Мадина ҳиҷрат кард.

5-Мавзӯи даъвати Ӯ: Аллоҳ ӯро ба бим додан аз ширк ва даъват кардан ба сӯи тавҳид фиристод.

# Куфр

Таърифи он дар луғат:Ба маънои сатр ва пӯшондан аст. Ва дар шариат:Зидди Ислом аст.

Навъҳои он:Ду навъ аст.

1-Куфри акбар (бузург).

2-Куфри асғар (хурд).

❁ Куфри акбар ва дар он чанд мсъала аст.

А-Таърифи он:Имон надоштан ба Аллоҳ ва расулони Ӯ баробар аст, ки бо дурӯғ шуморидан бошад, ё набошад.

Б-Ҳукми он: Аз дину миллат мебарорад.

Ҷ-Навъҳои он:Панҷто аст.

1-Куфри такзиб (дурӯғ шуморидан). Далел фармудаи Ӯ таъолост: "Ва кист ситамгартар аз он касе ки бар Аллоҳ дурӯғ бандад, ё ҳақро чун ба сӯи ӯ ояд такзиб кунад?! Оё ҷойгоҳи кофирон дар Ҷаҳаннам нест?". (Анкабут:68)

2-Куфри саркашӣ ва такаббурӣ бо ҳамроҳи тасдиқ, далел фармудаи Ӯ таъолост: "(Ёд биёр) ҳангомеро ки ба фариштагон гуфтем:Барои Одам саҷда кунед. Пас (ҳамагӣ) саҷда карданд, ҷуз Иблис, ки саркашӣ кард ва такаббурӣ варзид ва аз кофирон шуд". (Бақара:34)

3-Куфри шак ва он куфри занн (гумон) аст. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ва дар ҳоле ки ба худ ситамкор буд, дар боғи хеш дохил шуд ва гуфт:Ман бовар намекунам ҳаргиз ин (боғ) нобуд шавад. Ва бовар намекунам, ки қиёмат барпо гардад ва агар ба сӯи Парвардигорам боз гардонда шавам (ба фарзи ин ки қиёмат бошад) қатъан ҷойгоҳи беҳтар аз ин хоҳам ёфт. Дӯсти вай, дар ҳоле ки бо вай гуфтугӯ мекард, ба ӯ гуфт:Оё ба он касе ки туро аз хок, сипас аз нутфа офарид, онгоҳ туро марди (комил) қарор дод, кофир шудӣ?! Лекин ман (мегӯям) Аллоҳ Парвардигори ман аст ва ҳеҷ касро шарики Парвардигорам қарор намедиҳам". (Каҳф:35-36)

4-Куфри эъроз (рӯй гардонидан). Ва далел фармудаи Ӯ таъолост: "Ва касоне ки кофир шуданд аз он чи бимашон медиҳанд, рӯйгардонанд". (Аҳқоф:3)

5-Куфри нифоқ (дурӯягӣ): Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ин ба он хотир аст, ки онҳо имон оварданд, сипас кофир шуданд, онгоҳ бар дилҳояшон муҳр ниҳода шуд, пас онҳо намефаҳманд". (Мунофиқон:3)

**Куфри асғар ва дар он чанд масъала аст.**

А-Таърифи он:Ҳар маъсияте ки дар Қуръон ва Суннат номи он куфр омада ва ба ҳадди куфри акбар нарасида аст.

Б-Ҳукми он: Ҳаром ва гуноҳи кабирае аз кабираҳост, лекин он соҳибашро аз дини Ислом хориҷ намекунад.

Ҷ-Мисолҳои он:

1-Куфри неъмат, Аллоҳ таъоло фармуд:"Пас (аҳлаш) ба неъматҳои Аллоҳ носипосӣ карданд". (Наҳл:112)

2-Ҷанги мусалмон барои бародари мусалмонаш:"Дашноми мусалмон фосиқӣ ва қитоли Ӯ куфр аст". (ривояти Бухорӣ ва Муслим)

3-Дар насабҳои дигарон таъна задан.

4-Навҳахонӣ бар болои майит:"Ду хислат дар миёни мардум аст, ки куфранд:Дар насаб таъна задан ва бар майит навҳахонӣ кардан". (Ривояти Муслим)

## Нифоқ

Таърифи он дар луғат:Пӯшида доштани чиз ва нодида гирифтани он. Ва дар шариат:Ошкор кардани Ислом ва пинҳон кардани куфру шарр аст.

Навъҳои нифоқ:Ду навъ аст.

1-Нифоқи акбари эътиқодӣ.

2-нифоқи асғари амалӣ.

Ва инак баёни он ду навъ:

Нифоқи эътиқодӣ дар ин чанд масъала аст:

А-Таърифи он:Он нифоқи акбарест, ки соҳибаш исломро ошкор ва куфрро пинҳон мекунад.

Б-Ҳукми он:Ба кулли аз дин хориҷ мекунад ва соҳибаш дар табақаи поёнтарини Дӯзах аст.

Навъҳои он:Шаш навъ аст.

1-Дурӯғ шуморидани Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

2- Дурӯғ шуморидани баъзеи он чизе ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он омадааст.

3-Бад дидани Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

4-Бад дидани баъзеи он чизе ки Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам овардааст.

5-Ба пасравии дини Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам шод шудан.

6-Ёрӣ додани дини Расул саллаллоҳу алайҳи ва салламро announced написандидан.

Нифоқи амалӣ ва дар ин чанд масъала аст.

А-Таърифи он: Он амали чизе аз амалҳои мунофиқон аст бо ҳамроҳӣ боқӣ мондани имон дар қалб.

Б-Ҳукми он:Аз дин хориҷ намекунад, лекин он ҳаром аст ва аз гуноҳони кабира аст ва дар соҳиби он имон ва нифоқ вуҷуд дорад. Ва ҳаргоҳ нифоқ бисёр шавад, ба сабаби он мунофиқи холис мегардад.

Ҷ-Мисолҳои он:

1-Дар сухан дурӯғ гуфтан:"Ҳаргоҳ сухан кунад дурӯғ гӯяд".

2-Хилофи ваъда кардан:"Ва ҳаргоҳ ваъда кунад, хилоф намояд".

3-Дар амонат хиёнат кардан:"Ва ҳаргоҳ амонат дода шавад, хиёнат кунад".

4-Дар хусумат бисёр фосиқӣ намояд:"Ва ҳаргоҳ хусумат кунад, гуноҳ кунад".

5-Дар аҳдҳо хиёнат намояд:"Ва ҳаргоҳ аҳд кунад, хиёнат намояд".

6-Аз намози бо ҷамоат дар масҷид танбалӣ намояд:"Ва ҳаргоҳ ба намоз бархезанд, бо танбалию сустӣ бармехезанд". (Нисо:142)

7-Дар амалҳои нек риё (худнамоӣ) кардан:"Дар чашми мардум худнамоӣ мекунанд". (Нисо:142)

## Вало ва баро

Таърифи он дар луғат:Вало дар луғат аз валоят буда ва он муҳаббат аст.

Баро дар луғат:Масдари барӣ ба маънои қатъ аст ва аз ҳамин аст, бариял қалам ба маънои онро қатъ кард.

Таърифи он дар истилоҳи шариат:

Вало:Муҳаббати мусалмонон ва нусрат, икром ва эҳтироми онон ба наздик шудан ба онон аст.

Баро:Бад дидани кофирон ва аз онон дурӣ ҷустан ва онҳоро ёрӣ надодан аст.

Аҳамияти вало ва баро:

1-Ас усули ақидаи исломӣ аст.

2-Устувортарин қулаи имон аст.

3-Албатта он аз миллати Иброҳим алайҳис салом ва миллати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст.

Қисмҳои муволот:Ду қисм аст.

1-Таваллӣ.

2-Муволот.

Таваллӣ дар он чанд масъала аст.

А-Маънои он:Дӯст доштани ширк ва аҳли он ва куфр ва аҳли он аст. Ёрӣ додани кофирон бар зидди мӯъминон.

Б-Ҳукми он: Куфри акбар ва аз Ислом муртад шудан аст.

Ҷ-Далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ва касоне аз шумо бо онҳо дӯстӣ кунанд, аз онҳо ҳастанд". (Моида:51)

Муволот ва дар он чанд масъала аст.

А-Таъриф ва қоидаи он. Дӯст доштани аҳли куфру ширк ба хотири дунё ва бо ҳамроҳи он ёрӣ додан намебошад, вагарна аз таваллӣ мегардад.

Б-Ҳукми он:Ҳаром ва гуноҳи кабирае аз кабираҳост.

Ҷ-Далел фармудаи Ӯ таъолост:"Эй касоне ки имон овардаед! Душмани Ман ва душмани худатонро дӯст нагиред, ки бо онҳо меҳрубонӣ кунед". (Мумтаҳана:1)

Мазҳарҳои муволоти кофирон:

Аз ҷумлаи он:

1-Ба онҳо дар либос ва сухан ташбеҳ намудан.

2-Ба сӯи шаҳрҳои онҳо ба мақсади вақтхушӣ, сайругашт ва роҳат бахшидани нафс сафар кардан.

3-Дар шаҳри онҳо зистан ва аз шаҳри онҳо ба сӯи шаҳри мусалмонон ба хотири дин накучидан

4-Ба таърихи онҳо таърихи рӯз гузоштан, хоссатан таърихи рӯзе, ки аз одатҳо ва идҳои онҳо таъбир менамояд, монанди таърихи мелодӣ.

5-Бо онҳо дар идҳояшон ширкат кардан, ё дар барпоии он онҳоро ёрӣ додан, ё ба муносибати идашон онҳоро табрику таҳния гуфтан, ё дар барпоии он ҳозир шудан аст.

6-Ба номҳои онҳо ном гузоштан аст.

**Қисмҳои мардум дар он чизе, ки дар ҳаққи онҳо аз вало ва баро воҷиб мешавад**

Мардум дар вало ва баро бар се қисманд:

Қисми якум:Касе ки муҳаббати холис дӯст дошта мешавад, ки бо ҳамроҳи он душманӣ нест. Ва онон мӯъминони холис ҳастанд.

Қисми дуввум:Касе ки бад дида ва душманӣ карда мешавад, бад дидан ва душмании холис, ки ҳамроҳи он ду муҳаббату муволот нест. Ва онҳо кофирони холис ҳастанд.

Қисми сеюм:Касе ки аз як ҷиҳат дӯст дошта мешавад ва аз ҷиҳати дигар бад дида мешавад. Ва онҳо мӯъминони гунаҳгоранд, барои имоне ки дар онҳост дӯст дошта мешаванд ва барои маъсияте ки дар онҳост, ки ғайри куфр ва ширк аст, бад дида мешаванд.

## Ислом

Ислом дар луғат:Сар фурӯ овардан, таслим шудан ва хузӯъ намудан аст.

Ислом дар шариат:Ҳамон:

1-Барои Аллоҳ ба тавҳид таслим шудан.

2-Ва барои Ӯ ба тоат сар фурӯ овардан.

3-Ва аз ширк ва мушрикон безорӣ ҷустан аст.

Ислом ом ва хос аст.

А-Ислом ба маънои ом, ҳамон бандагӣ намудан барои Аллоҳ ба чизе ки шаръ гардондааст, аз замоне ки расулонро фиристод, то қиёмат шудан.

Б-Ислом ба маънои хос:Ба он чизе, ки Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам фиристода шуда, хос мебошад.

Аркони Ислом

Панҷто аст:

1-Гувоҳи додан ба ин ки нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст.

2-Барпойи намоз.

3-Адои закот.

4-Рӯзаи моҳи Рамазон.

5-Ҳаҷҷи хонаи Аллоҳ барои шахсе ки қудрат дорад.

Ва он ба ду қисм тақсим мешавад:

А-Арконе, ки бино бе он қоим намешавад ва (аркони асосӣ) номида мешавад.

Ва он ду рукн аст:

1-Ду шаҳодат.

2-Барпойи намоз.

Б-Арконе, ки бино тамом намешавад, магар ба он ва (аркони тамом) номида мешавад.

Ва он се рукн аст:

1-Пардохти закот.

2-Рӯзаи моҳи Рамазон.

3-Ҳаҷҷи хонаи Аллоҳ.

Далели аркони Ислом, фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Ислом бар панҷ поя бино шудааст:Шаҳодат додан ин ки нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва барпо доштани намоз ва пардохти закот ва ҳаҷҷи хонаи "Аллоҳ" ва рӯзаи моҳи Рамазон аст". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

## Имон

Маънои он дар луғат:Тасдиқ ва иқрор аст.

Имон дар назди аҳли суннат ва ҷамоат:Он

1-Эътиқоди қалб.

2-Ва нутқи ба забон.

3-Ва амал ба ҷавориҳ ва аркон.

4-Ба тоат зиёд мешавад.

5-Ва ба маъсият кам мешавад.

**Аркони имон шашто аст**:

1-Албатта ба Аллоҳ,

2-ва малоикаҳои Ӯ,

3-ва китобҳои Ӯ,

4-ва расулони Ӯ,

5-ва рӯзи охират

6-ва ба тақдири неку бадаш имон биёрӣ.

Ва инак он чизеро, ки ҳар рукн аз онҳо дар бар мегирад:

1-Имони ба Аллоҳ чор амрро дар бар мегирад

А-Имон ба ҳастии Аллоҳ.

Б-Имон ба парвардигории Ӯ.

В-Имон ба улуҳияти Ӯ.

Г-Имон ба номҳо ва сифатҳои Ӯ.

2-Имон ба малоикаҳо чор амрро дар бар мегирад:

А-Имон ба ҳастии онҳо.

Б-Имон ба касе аз онҳо, ки номашро бидонем, монанди (Ҷибраил) ва касе, ки номашро намедонем, пас ба онҳо ба таври муҷмал имон биёрем.

В-Имон ба он сифатҳое, ки аз онҳо медонем.

Г-Имон ба он чизе ки медонем, ки онон ба амри Аллоҳ қоим мешаванд.

3-Имони ба китобҳо чор амрро дар бар мегирад:

А-Имон доштан ба ин ки нузули онҳо дар ҳақиқат аз назди Аллоҳ аст.

Б-Имон доштан ба он китобҳое, ки номашро медонем ба номаш, монанди Қуръон, Таврот ва Инҷил.

В-Тасдиқи он чизе ки аз ахбори онҳо саҳеҳ аст, монанди ахбори Қуръон ва ахбори он чизе ки табдил ва таҳриф нашуда аст аз китобҳои пешин, аз ҷумлаи он ахборе ки аз онҳо дар шаръӣ мо ба нақли саҳеҳ омадааст.

Г-Амал кардан ба аҳкоми он, ки мансух нашудааст ва ризову таслим шудан ба он, баробар аст ҳикмати онро бифаҳмем, ё нафаҳмем. Ва ҳамаи китобҳои пешин ба Қуръон мансух шуданд.

4-Имон ба расулон чор амрро дар бар мегирад:

А-Имон доштан ба ин ки рисолаи онҳо дар ҳақиқат аз ҷониби Аллоҳ таъолост, пас касе ба рисолаи якеи онҳо кофир шавад, пас ба дурусти ба ҳамаи онҳо кофир шудааст.

Б- Ба касе аз онҳо, ки номашро донистем ба номаш имон доштан, монанди Муҳаммад, Иброҳим, Мусо, Исо ва Нуҳ алайҳис салом.

В-Тасдиқи он ахборе, ки аз  онҳо ба ривояти саҳеҳ собит шудааст.

Г-Амал кардан ба шариати касе аз онҳо, ки ба сӯи мо фиристода шуда ва ӯ Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва хотами онҳо ва ба сӯи ҳамаи мардум фиристодашуда аст.

5-Имон ба рӯзи охират се амрро дар бар мегирад:

А-Ба барангехтан имон доштан.

Б-Ба ҳисобу ҷазо имон доштан.

В-Ба Ҷаннат ва Дӯзах имон доштан.

Ва дар имони ба рӯзи охират имон доштан ба ҳамаи он чизе ки пас аз марг мебошад, дохил мешавад. Ва аз ҷумлаи ин фитнаи қабр ва азоби он ва неъмати он мебошад.

6-Имон ба қадар ва он чор амрро дар бар мегирад:

А-Имон доштан ба ин ки Аллоҳ таъоло ҳамаи чизро ба таври муҷмал ва муфассал медонад.

Б-Имон доштан ба ин ки Аллоҳ инро дар лавҳи маҳфуз нависта аст.

В-Имон доштан ба ин ки вуҷуди ҳамаи коинот бемашияти Аллоҳ таъоло намебошад.

Г-Имон доштан ба ин ки ҳамаи коинот ба зотҳо, сифатҳо ва ҳаракоташон махлуқи Аллоҳ таъоло ҳастанд.

Далел бар шаш рукни имон:

1-Аллоҳ таъоло фармуд:"Нест некӯкорӣ он ки рӯи худро ба тарафи машриқ ва мағриб бигардонед валекин соҳиби некӯкори он аст, ки ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат ва фариштагон ва китоб ва паёмбарон имон оварад". (Бақара:177)

2-Фармудаи Ӯ таъоло:"Албатта Мо ҳамаи чизро ба қадар офаридем". (Қамар:49)

3-Ва аз Суннат он чизе ки дар ҳадиси Ҷибраил омада аст, вақте Ӯ Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро пурсида гуфт:Маро аз имон хабар деҳ? Фармуд:"Ба Аллоҳ ва малоикаҳои Ӯ ва китобҳои Ӯ ва расулони Ӯ ва рӯзи охират имон биёрӣ ва ба тақдири некӯ бадаш имон биёрӣ". (Ривояти Муслим)

# Эҳсон

Таърифи он дар луғат:Зидди бадӣ аст.

Ва дар шариат:Муроқабати Аллоҳ дар пинҳонӣ ва ошкорост.

Аркони эҳсон:Як рукн аст. Ва он инки Аллоҳро ибодат кунӣ, гӯё ки ту Ӯро мебинӣ, пас агар ту Ӯро набинӣ, пас ҳамоно Ӯ туро мебинад".

Қисмҳои эҳсон:Ду қисм аст.

1-Ба халқ эҳсон кардан ва он ба чор амр мебошад:

А-Мол.

Б-Обурӯ.

Ҷ-Илм.

Д-Бадан.

2-Дар ибодати офаридгор эҳсон кардан. Ва барои ин ду мартаба аст:

Якум:Мартабаи мушоҳада "Аллоҳро ибодат кунӣ, гӯё ки ту Ӯро мебинӣ" ва ин олитарини ду мартаба аст.

Дуюм:Мартабаи иттилоъ ва муроқаба аст "пас агар ту Ӯро набинӣ, пас ҳамоно Ӯ туро мебинад".

Далел бар эҳсон:

1-Фармудаи Ӯ таъолост:"Ҳароина Аллоҳ бо парҳезкорон аст ва бо ононе ки некӯкоранд". (Наҳл:128)

2-Фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам замоне ки Ӯро Ҷибраил аз эҳсон пурсид:"Аллоҳро бипарастӣ, гӯё ки ту Ӯро мебинӣ, пас агар ту Ӯро набинӣ, пас ҳамоно Ӯ туро мебинад". (Ривояти Муслим)

## Алоқа дар байни Ислом, имон ва эҳсон

Якум:Ҳаргоҳ ин се амр якҷоя зикр шаванд, барои ҳар якеи он маънои хос аст:

А-Пас ба Ислом амалҳои зоҳирӣ қасд карда мешавад.

Б-Ва ба имон амрҳои ғайбӣ қасд карда мешавад.

Ҷ-Ва ба эҳсон олитарин дараҷаҳои дин қасд карда мешавад.

Дуввум:Ҳаргоҳ ин се амрро ба танҳоӣ бигӯяд:

А-Ҳаргоҳ ислом танҳо зикр шавад, дар зимни он имон дохил мешавад.

Б-Ҳаргоҳ имон танҳо зикр шавад, дар зимни он ислом дохил мешавад.

Ҷ-Ҳаргоҳ эҳсон танҳо зикр шавад, дар зимни он ислом ва имон дохил мешаванд.

## Ибодат

Таърифи он дар луғат:Тазаллул ва хузӯъ (фурӯтанӣ) аст. Ва дар шариат:Он исми ҷомеъ аст, барои ҳамаи он чизе ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва аз он розӣ мешавад аз гуфтор ва кирдори ботинӣ ва зоҳирӣ.

Сабаби ибодат номидани вазифаҳои шаръ бар таклифшудагон, зеро онҳо онро лозим мегиранд ва ба он амал мекунанд ва онҳо барои Аллоҳ фурӯтан ҳастанд.

Аркони ибодат:Се то аст.

1-Муҳаббат.

2-Хавф (тарс).

3-Раҷо (умед кардан).

Шартҳои дуруст шудани ибодат ва қабули он:Ду шарт аст.

1-Ихлос ва далел фармудаи Ӯ тоъолост:"Ва фармон дода нашуданд ҷуз он ки Аллоҳро дар ҳоле ки парастишро барои Ӯ холис сохта ба покдилӣ бипарастанд". (Байина:5)

Ва далел фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст:"Касе амалеро анҷом диҳад, ки бар он амри мо нест, пас он радшуда аст". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Ибодат ду навъ аст:

1-Ибодати кавнӣ.

2-Ибодати шаръӣ.

Ибодати кавнӣ, таърифи он:Он сар фурӯ овардан барои амри кавнии Аллоҳ аст. Ва он ҳамаи хулқро дар бар мегирад. Ягон нафар аз он хориҷ намешавад:Мӯъмин, кофир ва некӯкору бадкор. Далели он, фармудаи Ӯ таъолост:"Ҳеҷ чиз дар осмонҳо ва замин нест, магар ин ки ба бандагӣ сӯи (Аллоҳи) Раҳмон биёяд". (Марям:93)

Ибодати шаръӣ, таърифи он:Он сар фурӯ овардан барои амри шаръии Аллоҳ аст. Ва он хос ба касест, ки Аллоҳро итоат мекунад ва ба он чизе ки расулон овардаанд, пайравӣ мекунад. Далели он, фармудаи Ӯ таъолост:"Ва бандагони Раҳмон, касоне ҳастанд, ки ба фурӯтанӣ (ва оромиш) бар замин роҳ мераванд". (Фурқон:63)

## Қоидаҳои муҳим дар тавҳиди ибодат

Қоида:"Кадом феъле ки ки собит шудааст, ки ибодат аст, пас сарфи он барои Аллоҳ тавҳид ва сарфи он барои ғайри Аллоҳ ширк ва ҳамто гирифтан аст".

Далели ин қоида, далелҳояш бисёр аст, аз ҷумлаи он:Фармудаи Ӯ таъоло:"Ва Аллоҳро бипарастед ва чизеро бо Ӯ шарик магардонед". (Нисо:36)

Ва фармудаи Ӯ таъоло:"Ва Парвардигорат (чунин) муқаррар дошта аст, ки ҷуз Ӯро напарастед". (Исро:23)

Ва фармудаи Ӯ таъоло:"Бигӯ:Бигуед он чиро Парвардигоратон бар шумо ҳаром кардааст, бароятон бихонам, он ки чизеро шарикик Ӯ қарор надиҳед". (Анъом:151)

Мисолҳо онҳо:

Дуо ибодат аст → сарфи он барои ғайри Аллоҳ ширк аст.

Хавф (тарс) ибодат аст → сарфи он барои ғайри Аллоҳ ширк аст.

Забҳ ибодат аст → сарфи он барои ғайри Аллоҳ ширк аст.

Назр ибодат аст → сарфи он барои ғайри Аллоҳ ширк аст.

## Ақсоми муҳаббат

Муҳаббат ба чор қисм тақсим мешавад:

1-Ибодат ва он дӯст доштани Аллоҳ ва дӯст доштани он чизе, ки Аллоҳ онро дӯст медорад.

Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ва касоне, ки имон оварданд, дар дӯстии Аллоҳ қавитаранд". (Бақара:165)

2-Ширк ва он дӯст доштани ғайри Аллоҳ бо хорию таъзим барои ин маҳбуб ба он чизе ки лаёқат надорад, магар барои Аллоҳ. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ва аз мардумон касе ҳаст, ки ғайр аз Аллоҳ ҳамтоёнро мегирад, ононро дӯст медоранд, монанди дӯстии Аллоҳ". (Бақара:165)

3-Маъсият (гуноҳ) ва он монанди дӯст доштани маъсиятҳо, бидъатҳо ва ҳаромшудаҳост. Ва далел, фармудаи Ӯ таъолост: "Ҳароина онон, ки дӯст медоранд, ки фоҳиша дар миёни мусалмонон мунташир (паҳн) шавад, барояшон уқубати дарднок дар дунё ва охират аст ва Аллоҳ медонад ва шумо намедонед". (Нур:19)

4-Муҳаббати табиъӣ:Монанди дӯст доштани авлод, аҳл, нафс ва ғайри ин. Ва ин навъ ҷоиз аст. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост: "Ороста карда шудааст барои мардумон дӯсти орзуҳои нафс аз занон ва фарзандон ва хазонаҳои анбуҳ (ҷамъ сохта) аз зару сим ва аспони нишонмандсохта ва чаҳораоён ва зироат, ин баҳраи зиндагонии дунёст ва назди Аллоҳ аст бозгашти нек". (Сураи Оли Имрон, ояти:14)

## Хавф (тарс)

Таърифи он:"Он асарпазириест, ки ба таваққуъи (интизорӣ) он чизе ки дар он ҳалок, ё зарар, ё озор аст, ҳосил мешавад".

Навъҳои хавф:

1-Ширки акбар ва он хавфи сир аст, ин ки аз ғайри Аллоҳ битарсад дар он чизе бар он қудрат надорад, магар Аллоҳ. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Пас шумо аз онҳо (кофирон) натарсед ва аз Ман битарсед, агар мӯъмин ҳастед". (Оли Имрон:175)

2-Ҳаром ва он ин аст, ки аз тарси мардум воҷиберо тарк кунад, ё даст ба ҳаром бизанад. Ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Пас аз мардум натарсед ва аз Ман битарсед". (Моида:44)

3-Ҷоиз (дуруст) аст ва он тарси табиъӣ аст, монанди аз шер, душман, подшоҳи золим ва монанди ин аст ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Пас гашт кард дар шаҳр тарсон ва нигарон (аз муҷозот)". (Қасас:18)

4-Ибодат ва он аз Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест, тарсидан аст ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ва барои касе ки аз истодани ба ҳузури Парвардигори хеш тарсида аст, ду бустон аст". (ар-Раҳмон:46)

**Навъҳои хавфи аз Аллоҳ:Ду навъ аст.**

1-Ситудашуда ва он навъест, ки байни ту ва байни маъсияти Аллоҳ монеъ мешавад, пас туро ба адои воҷибҳо ва тарки ҳаромкардаҳо водор месозад.

2-Ғайри ситудашуда ва он навъест, ки бандаро бар  ноумед шудан аз раҳмати Аллоҳ водор мекунад.

## ар-Раҷо

Таърифи он:Он ба маънои тавақќӯъ, тамаъ, умед ва интизори чизи дӯстдошта аст.

Қисмҳои он:Се қисм аст.

1-Раҷои ибодат ва он раҷо аз Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест ва он ду навъ аст.

Якум:Раҷои ситудашуда ва он раҷоест, ки ба амал ва тоати Аллоҳ якҷо аст.

Дуввум:Раҷои мазамматшуда ва он раҷоест, ки беамал аст ва он орзуву ғурур аст.

2-Раҷои ширк ва он раҷо аз ғайри Аллоҳ дар чизе ки онро ба ҷуз Аллоҳ касе молик намешавад.

3-Раҷои табиъӣ, ҳаргоҳ чизеро аз шахсе, ки молики он аст ва бар он қудрат дорад, чашм дорӣ. Монанди гуфтаи ту "ҳозир шуданатро интизор мешавам".

Далел бар раҷо (умед доштан, чашм доштан). Фармудаи Ӯ таъолост:"Пас ҳар ки мулоқоти Парвардигори худро тавақќӯъ дорад, бояд, ки кори писандида бикунад ва дар ибодати Парвардигори хеш ҳеҷ касеро шарик наоварад". (Каҳф:110)

## Таваккул

Таърифи он дар луғат:Супурдан ва такя кардан аст. Ва дар шариат, он эътимоди қалб ба Аллоҳи ягона аст.

Таваккули шаръӣ се амрро ҷамъ менамояд:

1-Ба Аллоҳ содиқона ва дар ҳақиқат эътимод кардан.

2-Ба Аллоҳ такя кардан ва эътиқод доштан ба ин ки ҳамаи амр дар дасти Аллоҳ аст.

3-Ба асбобе, ки иҷозат дода шудааст, амал кардан.

Қисмҳои таваккул:Се қисм аст.

1-Таваккули ибодат ва он ба Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест, таваккул кардан аст.

2-Таваккули ширк, монанди ба ғайри Аллоҳ дар он чизе ки аз хусусиятҳои Аллоҳ аст, эътимод кардан ва монанди эътимоди куллӣ ва ҷузъӣ бар асбоб.

3-Тавкил он аст, ки шахсеро ба қоим шудани амале аз ҷониби худат ноиб гардонӣ, ки бар он қудрат дорад ва ин ҷоиз аст.

**Ва фарқ дар байни таваккул ва тавкил**:

Албатта таваккул амали қалбии ботинӣ аст. Ва тавкил амали зоҳирӣ аст. Далел бар таваккул, фармудаи Ӯ таъолост:"Ва бар Аллоҳ таваккул кунед, агар имон доред". (Моида:23)

## Дуо

Дуо ибодат аст:Дуо муҳимтарин навъҳои ибодат аст, аз рӯи фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Дуо ҳамон ибодат аст". (Ривояти Тирмизӣ)

Ва фармудаи Ӯ таъолост:"Ва албатта масҷидҳо барои Аллоҳ аст, пас бо Аллоҳ ҳеҷ касро ибодат накунед". (Ҷин:18)

Навъҳои ибодат:Ду навъ аст.

1-Дуои ибодат, мақсад ба он ҳар амалест, ки инсон ба он Парвардигорашро мепарастад. Мисоли он:Намоз, ҳаҷ, садақа ва рӯза аст. Сабаби дуо номиданаш, зеро дар он маънои талаб аст, пас гӯё инсон вақте ин амалҳоро иҷро мекунад аз Аллоҳ ба ин амалҳояш талаб мекунад, ки ӯро раҳмат кунад ва ӯро дохили Ҷаннат гардонад.

2-Дуои масъалат, мақсад ба он он чизест, ки дар савол ва талаб аст. Мисоли ин, монанди гуфтани:"Эй Аллоҳ маро раҳмат кун, Парвардигоро маро мағфират кун".

Дуои ғайри Аллоҳ:Дуо ибодат аст, пас касе онро барои ғайри Аллоҳ сарф намояд, пас ӯ мушрику кофир аст. Далел фармудаи Ӯ таъолост:"Ва ҳар кас, ки бо Аллоҳ маъбуди дигареро бихонад, мусалламан ҳеҷ далеле бар (ҳақонияти) он нахоҳад дошт, ҷуз ин нест, ки ҳисобаш назди Парвардигораш хоҳад буд, яқинан кофирон наҷот намеёбанд". (Сураи Мӯъминон, ояти:117)

## Руқо

Таърифи он дар луғат:Руқо ҷамъи руқия аст ва он авза (тумор, руқияхонӣ) аст. Ва дар шариат:Оятҳо, зикрҳо ва дуоҳоест, ки бар мариз (бемор) хонда мешавад. Қисмҳои он:Ду қисм аст.

1-Руқияи шаръӣ.

2-Руқияи мамнӯъ.

Руқияи шаръӣ, он аст, ки дар он се шарт ба иҷмоъи олимон вуҷуд дошта бошад.

1-Ба забони арабии ошкор бошад ва маънои он маънои он дониста шавад.

2-Ба каломи Аллоҳ, ё ба номҳо ва сифатҳои Ӯ бошад.

3-Бар он ба таври куллӣ эътимод накунад, балки эътиқод кунад, ки худи руқия таъсир намекунад, магар ба тақдири Аллоҳ таъоло.

Руқияи мамнӯъ, он руқияест, ки дар он як шарт, ё бештар аз он шартҳое, ки дар руқияи шаръӣ аст, халалдор намояд.

Далел бар руқия аз Суннат фармудаи Ӯ алайҳис салоту ва салом аст:"Ба таҳқиқ руқияҳо, туморҳо ва тивала ширк аст". (Ривояти Аҳмад ва Абӯдовуд)

Ва фармудаи Ӯ алайҳис салоту ва салом:"Руқияҳоятонро бар Ман пешниҳод кунед, дар руқияе, ки ширк набошад, боке надорад". (Ривояти Муслим)

## Тамоим

Таърифи он дар луғат:Тамоим ҷамъи тамима (тумор) аст. Ва дар истилоҳи шариат:Он чизест, ки бар гардани кӯдакон ва ғайрашон меовезанд, аз расидани чашм ба он паноҳ мебаранд.

Қисмҳои он:Ду қисм аст.

1-Туморҳо аз Қуръон ва дуоҳои набавӣ.

Ва қавли саҳеҳ (дуруст) дар он манъ аст, аз барои се ваҷҳ:

А-Умуми будани наҳй аз туморҳо ва хоскунандае барои умум нест.

Б-Роҳи василаҳоро бастан, пас албатта он ба овехтани он чизе ки мубоҳ нест, бурда мерасонад.

Ҷ-Албатта он ба зуди пешкаши пастзанӣ мешавад, вақте шахсе онро овезон карда аст, барои қазои ҳоҷаташ хало медарояд.

2-Туморҳое, ки аз Қуръон ва дуоҳои набавӣ нест, мисли туморҳое, ки аз номҳои ҷинну шайтонҳост ва дар он тилисмҳоест, ки фаҳмида намешавад, пас ин қатъан ҳаром ва аз ҷумлаи ширк аст, зеро дар он таалluқ ба ғайри Аллоҳ аст.

Хулоса, албатта ҳамаи туморҳо ҳаром аст, баробар аст, ки аз Қуръон бошад, ё аз ғайри он. Ва агар аз ғайри Қуръон бошад, пас он ҳаром ва ширк аст. Ва далел фармудаи Ӯ алайҳис салоту ва салом аст:"Ба таҳқиқ руқияҳо, туморҳо ва тивала (гармию хунукӣ) ширк аст". (Ривояти Аҳмад ва Абӯдовуд)

## Табаррук

Маънои табаррук дар луғат:Бисёрӣ ва субути чиз аст.

Дар шариат:Талаби баракат ва умеду эътиқоди он аст.

Қисмҳои табаррук:Ду қисм аст.

1-Табарруки шаръӣ.

2-Табарруки манъшуда.

Якум табарруки шуръӣ:

1-Табаррук ба зоти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва он чизе ки аз ҷисми Ӯ ҷудо мешавад ва ин хосси Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам танҳо дар ҳоли ҳаёташ буд.

2-Табаррук ба гуфтор ва амалҳои шаръӣ, ҳаргоҳ банда онро анҷом диҳад, барои ӯ хайру баракат ҳосил мешавад, монанди қироати Қуръон, зикри Аллоҳ ва дар ҳалқаҳои илм ҳозир шудан.

3-Табаррук ба маконҳое, ки Аллоҳ дар онҳо баракат қарор дода аст. Монанди масҷидҳо ва аз шаҳрҳо Макка, Мадина ва Шом аст. Ва мақсад ба табаррук ҷустани ба онҳо. Кори хайр кардан ва барои Аллоҳ ба амалҳои шаръӣ бандагӣ кардан аст. Ва масҳ кашидан ба деворҳо ва сутунҳои онро қасд карда намешавад.

4-Табаррук ба замонҳое, ки Аллоҳ онҳоро ба зиёдатии фазл ва баракат хос гардонда аст, монанди моҳи Рамазон ва даҳ рӯзи моҳи Зулҳиҷҷа ва шаби қадр ва сеяки охири шаб.

Ва табаррук ба онҳо ба бисёр кори нек кардан ва дар он вақтҳо барои Аллоҳ ба амалҳои шаръӣ бандагӣ намудан аст.

5-Табаррук ба таомҳое, ки Аллоҳ дар онҳо баракат қарор дода аст, монанди равғани зайтун, асал, шир, сиёҳдона ва оби замзам[1].

Дуюм:Табарруки манъшуда.

1-Табарруки манъшуда ба маконҳо ва ҷамодот. Монанди масҳ кашидан ба деворҳои маконҳое, ки баракати онҳо аз рӯи шариат собит шудааст ва бӯса кардани тирезаҳо ва сутунҳои он ва ба хоки он талаби шифо намудан аст.

Табаррук ба қабрҳои накӯкорон ва оромгоҳҳои онон.

---

[1] Фоида:Оби замзам баракаташ аз ҷояш ба ҷои дигар бурдан, бинобар қавли саҳеҳ аз байн намеравад.

Табаррук ба маконҳое, ки ба ҳодисаҳои таърихӣ робита доранд, монанди макони таваллуди Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ё ғори Ҳиро, ё ғори Савр.

2-Табарруки манъшуда дар замонҳо:

Иҷрои амрҳои ғайри шаръӣ ва ибодатҳои бидъатӣ дар замонҳое, ки аз рӯи шариат баракати он собит шудааст.

Табаррук ба замонҳое, ки аз рӯи шариат дар он баракат собит нашудааст. Монанди рӯзи таваллуди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва шаби Исро ва Меъроҷ ва шаби нисфи аз моҳи Шаъбон ва рӯзҳо ва шабҳои ёдоварии ҳодисаҳои таърихӣ.

3-Табарруки манъшуда ба зоти накӯкорон ва осорҳои онон.

Ба зоти ягон башар табаррук ҷуста намешавад, магар ба зоти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва осори Ӯ ва ин хос ба Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва танҳо дар ҳоли ҳаёташ аст.

**Қоидаҳои муҳим дар табаррук**

1-Табаррук ибодат аст ва асл дар ибодатҳо манъ ва ҳазар аст, то ки далеле бар шаръӣ будани он вуҷуд дошта бошад.

2-Ҳамаи баракат, албатта аз ҷониби Аллоҳи ягона аст, пас Ӯст молики он ва бахшандаи он, пас аз ғайри Ӯ талаб карда намешавад.

3-Албатта табаррук ба он чизе ки баракаташ собит шудааст, фоида намедиҳад, магар яктопарасти мӯъмини ба Аллоҳ ва расулаш саллаллоҳу алайҳи ва салламро.

4-Албатта табаррук ба он чизе ки баракаташ аз рӯи шаръ собит шудааст, воҷиб аст, ки ба роҳҳои шаръӣ бошад ва ин ки дар ин ҳайатҳо ва тариқаҳое пайдо карда нашавад, ки гузаштагони аввал онро анҷом надодаанд.

Қоидаҳои муҳим дар боби асбоб

1-Эътимоди фоили асбоб, воҷиб аст, ки бар Аллоҳ азза ва ҷалла бошад, на бар худи сабаб, зеро ки Аллоҳ азза ва ҷалла ҳамон сабабгузори он ва эҷодкунандаи он аст.

2-Бидонад, ки он сабабҳо ба қазои Аллоҳ ва тақдири Ӯ алоқаманд аст.

3-Тариқаҳои исбот кардани ин ки он чиз сабаб аст, ду чиз мебошад:

Якум:Аз тариқи шариат, мисоли он:Асал сабаби шифо аст ва далели он фармудаи Ӯ таъолост:"Дар он (асал)барои мардум шифо аст". (Наҳл:69)

Дуюм аз тариқи таҷриба ва қадар. Мисоли он:Оташ сабаб аст барои сӯзонидан, лекин зарур аст дар тариқи таҷриба аз собит шудани сабабияти он чиз собит шудани ошкоро баъди мубошарати он, зеро собит шудани ғайри ошкор, гоҳо даъво, ё ваҳм мебошад, монанди гумон кардани ин ки пӯшидани ҳалқа чашмро дур мекунад.

## Тавассул

Таърифи он дар луғат:Тавассул аз калимаи васила аст ва он дар асл, он чизест, ки ба он ба сӯи чизе расида мешавад ва наздикӣ ҷуста мешавад. Ва дар истилоҳи шаръ:Он гирифтани сабаби шаръӣ аст, ки ба сӯи Аллоҳ таъоло наздик мегардонад.

Қисмҳои он:Ду қисм аст.

1-Тавассули шаръӣ.

2-Тавассули манъшуда.

Тавассули шаръӣ се навъ аст:

1-Тавассул ба номе аз номҳои Аллоҳ таборак ва таъоло, ё ба сифате аз сифатҳои Ӯ.

2- Тавассул ба амали неке, ки дуогӯ ба он амал кардааст.

3- Тавассул ба дуои марди солеҳи зинда.

Тавассули манъшуда. Ва он тавассул ба ғайри се амри мазкур дар тавассули шаръӣ мебошад. Ва аз ҷумла:

1-Ба сӯи Аллоҳ таъоло ба ҳақ, ё ба обурӯи шахсҳо тавассул ҷустан.

2-Дуо ва назр барои авлиё ва солиҳон (некӯкорон).

3-Мол куштан барои арвоҳи авлиё ва дар гирди қабрҳои онҳо нишастан.

# Барои ғайри Аллоҳ забҳ кардан

Таърифи забҳ дар луғат:Он дар асл буридан ва он чизе ки бар он далолат мекунад, мебошад.

Ва дар истилоҳи шариат:Дур кардани руҳ ва резондани хун аз рӯи таъзим ва наздикӣ ҷустан ба тариқаи махсус аст.

Қисмҳои чорвои кушташаванда:Се қисм аст.

1-Забиҳаҳои шаръӣ.

2- Забиҳаҳои мубоҳ.

3- Забиҳаҳои ширкӣ.

Якум: Забиҳаҳои шаръӣ, монанди:

1-Қурбонӣ.

2-Забҳи назрҳо барои Аллоҳ.

3-Забҳи ҳадяи (ҳаҷ).

4-Забҳи фидя дар ҳаҷ ва умра.

5-Забҳи ақиқа барои навзод.

6-Забҳи садақа, ба он ба сӯи Аллоҳ наздикӣ меҷӯяд.

7-Забҳ барои эҳтироми меҳмон.

Дуюм: Забиҳаҳои мубоҳ, монанди:

1-Забҳи қассоб (шутуркуш) барои савдо.

2-Забҳ барои хӯрдан.

Забиҳаҳои ширкӣ, монанди:

1-Барои бутҳо забҳ кардан.

2-Барои ҷин забҳ кардан.

3-Барои қубаҳо, машҳадҳо ва қабрҳо забҳ кардан.

4-Пеш аз даромадани хонаи нав ба қасди аз ҷин нигоҳ доштан забҳ кардан.

5-Дар вақти даромадани шаҳу арус дар хона ва гузаштани онҳо ба рӯи хуни моли кушташуда, забҳ кардан.

6-Барои Аллоҳ забҳ кардан, валекин бар он ғайри номи Аллоҳро зикр карда мешавад.

Хулоса: 1-Забҳ кардан барои Аллоҳ ибодат аст, сарфи он барои ғайри Аллоҳ ҷоиз намебошад ва далел фармудаи Ӯ таъолост:"Бигӯ,

ҳароина намози ман ва ҳаҷҷу қурбонии ман ва зиндагонии ман ва мавти ман ҳама барои Аллоҳ аст, Парвардигори оламиён".

(Анъом:162)

2-Барои ғайри Аллоҳ забҳ кардан, ширки акбар эътибор мешавад ва фоили он лаънатшуда аст. Ва далел фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст:"Аллоҳ лаънат кунад касеро, ки барои ғайри Аллоҳ забҳ мекунад". (Ривояти Муслим)

## Барои ғайри Аллоҳ назр кардан

Таърифи назр дар луғат:Лозим гардондан аст.

Ва дар истилоҳи шариат:Лозим гардондани таклифшуда нафсашро тоатеро, ки бар ӯ лозим нест, аз рӯи таъзими шахсе, ки барои ӯ назршуда аст, мебошад.

Назр барои Аллоҳ ибодат аст. Бидон ки назр ибодат барои Аллоҳи ягона аст, барои ғайри Ӯ сарф намешавад ва касе онро барои ғайри Ӯ сарф намояд, пас ба дурусти дар ширки акбар воқеъ шудааст. Аллоҳ таъоло мефармояд:"Ба назр вафо мекунанд". (Инсон:7) Ва касе барои ғайри Аллоҳ назр кунад, пас барои ӯ вафо кардан ба он ҷоиз намебошад.

Назр кай ширк мешавад?

Ҳаргоҳ инсон бар худаш чизеро барои ғайри Аллоҳ аз рӯи таъзим ва наздикӣ лозим гардонад. Ва аз ҷумлаи он масалан:

1-Монанди ин ки бигӯяд, агар Аллоҳ бемори маро шифо диҳад, пас барои қабри валии фалонӣ инчунин аз бузу гусфанд, ё мол назр.

2-Агар ман кӯдакдор шавам, пас ба зуди барои валии фалонӣ дар назди қабраш забҳ мекунам.

3-Барои фалони валӣ, ё ҷиннӣ бар ман назр, ки се мол бикушам.

4-Барои бутҳо назр кардан.

5-Барои офтобу моҳтоб назр кардан.

## Истионат, истиғоса ва истиоза

Маъноҳои он:

Истионат:Талаби авн (ёрӣ) кардан.

Истиғоса:Талаби ғавс (фарёдрасӣ) ва он дур кардани сахтӣ аст.

Истиоза:Талаби паноҳ кардан.

Далел бар ин ки ин се амр ибодат аст:

А-Истионат, фармудаи Ӯ таъоло:"Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷуем", (Фотиҳа:5)

Б-Истиғоса, фармудаи Ӯ таъоло:"(Ба ёд оваред), ҳангоме ки аз Парвардигоратон (фарёд ва) ёрӣ мехостед, пас Ӯ (хостаи) шуморо пазируфт". (Анфол:9)

Ҷ-Далели истиоза фармудаи Ӯ таъоло:"Бигӯ ба Парвардигори мардум, паноҳ мебарам". (Нос:1)

Ҳукми истионат, истиғоса ва истиоза ба ғайри Аллоҳ ба ду қисм тақсим мешавад:

1-Ҷоиз аст, ҳаргоҳ шартҳояш вуҷуд дошта бошад ва он чор шарт аст:

А-Ду шарте, ки ба амри матлуб истионат, истиғоса ва истиоза ба он мутааллиқ ҳастанд:

1-Аз хусусиятҳои Аллоҳ набошад.

2-Махлуқ бар он қудрат дошта бошад.

Б-Ду шарте, ки ба шахсе ки ба ӯ паноҳ талаб карда мешавад, ё ёрӣ талаб карда мешавад, ё ба ӯ фарёдрасӣ карда мешавад, мутааллиқ ҳастанд:

1-Ин ки зинда бошад.

2-Ҳозир бошад.

Дуюм:Ширкӣ аст, ҳаргоҳ яке аз шартҳои собиқро мухолифат намояд.

# Шафоат

Таърифи он дар луғат:Масдари шафаъа яшфаъу шафоъатан аст, ҳаргоҳ чизеро дуто гардонад ва шафъ зидди витр (тоқ) аст. Ва дар истилоҳи шариат:Барои шахси дигар ба ҷалби манфиат, ё дур кардани зарар миёнаравӣ кардан аст.

Қисмҳои шафоат:

1-Шафоати манфӣ.

2-Шафоати мусбат.

**Шафоати манфӣ**: А-Таърифи он:Шафоатест, ки аз ғайри Аллоҳ дар он чизе ки бар он қудрат надорад, магар Аллоҳ, талаб карда мешавад.

Б-Далели он, фармудаи Ӯ таъолост:"Эй касоне ки имон овардаед! Аз он чи ба шумо рӯзӣ додаем, инфоқ кунед, пеш аз он ки рӯзе фаро расад, ки дар он на хариду фуруш аст ва на дӯстӣ ва на шафоате ва кофирон ҳамон золимонанд". (Бақара:254)

**Шафоати мусбат**: А-Таърифи он: Он шафоатест, ки аз Аллоҳ талаб карда мешавад.

Б-Шартҳои он:

1-Иҷозат додани Аллоҳ барои шафоатгар, ки шафоат кунад.

2-Ризои Ӯ аз шафоатгар ва шафоатшуда.

Ҷ-Далели он, фармудаи Ӯ таъолост:"Кист, ки дар назди Ӯ ҷуз ба фармони Ӯ шафоат кунад?". (Бақара:255)

Ва фармудаи Ӯ таъоло:"Ва чи бисёр фариштагоне ки дар осмонҳо ҳастанд, ки шафоати онҳо ҳеҷ суде намебахшад, магар пас аз он ки Аллоҳ барои ҳар кас, ки бихоҳад иҷозат диҳад ва розӣ бошад", (Наҷм:26)

Ҳукми талаби шафоат аз зиндаи тавоно.

1-Агар аз ӯ амри шаръӣ, ё мубоҳро талаб кунад, ки бар он қудрат дорад, пас ҷоиз аст. Ва ин аз боби мусоада ва ёрӣ додан бар кори хайр аст.

2-Аз ӯ амреро талаб кунад, ки бар он қудрат надорад, магар Аллоҳ, пас ин ширк аст.

## Зиёрати қабрҳо

Зиёрати қабрҳо бар се қисм аст:

1-Зиёрати шаръӣ ва он ба мақсади:

А-Ба ёд овардани охират.

Б-Ва бар аҳли он салом додан.

Ҷ-Ва барои онон дуо намудан, мебошад.

2-Зиёрати бидъатӣ, ки он камоли имонро нафй мекунад ва он василае аз василаҳои ширк мебошад.

Аз ҷумлаи он:

А-Қасди ибодати Аллоҳ дар назди қабр.

Б-Қасди табаррук ҷустан ба қабр.

Ҷ-Ҳадя кардани савоб дар назди қабр.

Д-Бори сафар бастан ба сӯи қабр. Ва монанди он мебошад.

3-Зиёрати ширкӣ, ки тавҳидро нафй мекунад ва он гардонидани чизе аз навъҳои ибодатро барои соҳиби қабр мебошад, монанди:

А-Ӯро ба ҷуз Аллоҳ ба дуо муроҷиат намояд.

Б-Аз ӯ ёрӣ ҷустан ва ӯро ба фарёдрасӣ хондан.

Ҷ-Барои ӯ забҳ ва назр кардан. Ва монанди инҳо мебошад.

# Сеҳр

Таърифи он дар луғат:Он чизе ки сабаби он пӯшида ва печида бошад. Ва дар истилоҳи шариат:"Руқияҳо, афсунҳо, туморҳо, давоҳо ва ҳаргуна дорӯ аст, ки бар қалбу бадан ба амри Аллоҳ таъсир мекунад.

Қисмҳои сеҳр:Ду қисм аст.

1-Ширки акбар ва он сеҳрест, ки ба воситаи ҷин ва шайтонҳо мебошад, онҳоро ибодат мекунад ва ба сӯи онон наздикӣ меҷӯяд ва барои онҳо саҷда мекунад, то ки онҳоро бар ҷодушуда мусаллат гардонад.

2-Фисқ ва душманӣ аст ва он сеҳрест, ки ба воситаи давоҳо ва ҳаргуна дорӯ ва монанди он мебошад. Ва аз ҷумлаи он низ сабукии даст ва бар чашмҳо бозӣ кардан (яъне чашмбандӣ) аст.

Ҳукми сеҳр:

А-Агар ҷодуяш аз қисми якум бошад, пас ӯ кофир аст ва ба ҳукми муртад кушта мешавад.

Б-Агар ҷодуяш аз қисми дуюм бошад, кофир намешавад ва лекин ӯ фосиқи осӣ шуморида мешавад ва аз боби дафъи соил кушта мешавад, ҳаргоҳ валии амр инро пешниҳод кунад.

Далел бар ин ки сеҳр куфр аст, фармудаи Ӯ таъолост:"Ва (он ду фаришта) ба ҳеҷ кас чизе ёд намедоданд, магар ин ки (аз пеш ба ӯ) мегуфтанд:Мо василаи озмоишем, пас кофир машав". (Бақара:102)

Пас касе онро бикунад, ё таълим диҳад, ё ба он розӣ шавад, кофир мешавад ва аз Ислом хориҷ мешавад.

Ҳукми нушрат

Нушрат:Ҳамон кушодани ҷоду аз ҷодушуда аст. Ва он ду навъ аст:

1-Кушодани сеҳр ба сеҳри монанди он ва он ҳарому аз амали шайтон аст.

2-Кушодани ҷоду ба руқия ва дуоҳои шаръӣ ва давоҳои мубоҳ, пас ин ҷоиз асту дар он чизе нест.

**Аз ҷодугарон хабар додан ва аз онҳо ҳазар кунондан**. Аз ҷодугарон хабар додан ва мардумро аз онҳо ҳазар кунондан воҷиб аст, зеро ин аз инкори мункар ва насиҳат барои мусалмонон аст.

Аломатҳое, ки ба он ҷодугар шинохта мешавад. Ҳаргоҳ аломате аз ин аломатҳо дар яке аз муолиҷон ёфта шавад, пас ӯ беягон шак ҷодугар аст.

1-Беморро аз номаш ва номи модараш мепурсад.

2-Асаре аз осори беморро мегирад (либос, рӯймол, курта, чодар).

3-Навистани тилисмҳо.

4-Хондани афсунҳо ва тилисмҳои ғайри мафҳум.

5-Гоҳо ҳайвонеро ба сифати муайяне талаб мекунад, то ӯро бикушад ва бар он номи Аллоҳро намегирад. Ва гоҳо ба хуни он маконҳои дарди беморро хунолуд мекунад, ё онро дар ҷойҳои хароба мепартояд.

6-Беморро бозубанде медиҳад, ки дорои чоркунҷаҳост, ки дар дохили он ҳарфҳо, ё рақамҳост.

7-Сухани номафҳумеро тез-тез мехонад.

8-Беморро варақҳое медиҳад, ки онро месӯзонад ва ба он дуд медиҳад.

9-Беморро чизҳое медиҳад, ки онҳоро дар замин дафн мекунад.

## Каҳонат ва аррофат

Таърифи коҳин:Он касест, ки аз оянда аз тариқи ҷин ва шайтонҳо хабар медиҳад.

Таърифи арроф:Он касест, ки даъвои маърифати умури ҳозираро мекунад, монанди маърифати макони дуздидашуда ва гумшуда ба роҳҳои пӯшида.

Иддиои илми ғайб куфр аст, зеро он дурӯғ шумоaccess Қуръон аст, Аллоҳ таъоло мефармояд:"Бигӯ! Дар осмонҳо ва замин ҷуз Аллоҳ ҳеҷ кас ғайбро намедонад". (Намл:65)

Қисмҳои касоне ки аз ғайбиёт хабар медиҳанд:

1-Касе аз ғайб ба тариқи ҷин хабар диҳад, пас инро коҳин номида мешавад.

2-Касе аз ғайб ба хатҳо кашидан дар замин хабар диҳад, пас инро раммол номида мешавад.

3-Касе аз ғайб аз тариқи ситорагон хабар диҳад, пас инро мунаҷим номида мешавад.

4-Касе аз дуздидашуда ва гумшуда ба тариқаҳои пӯшида хабар диҳад, пас инро арроф номида мешавад.

Ҳукми рафтан ба назди каҳана вааррофҳо ва ҷодугарон бар ду қисм аст:

1-Касе ба назди онҳо биёяд ва онҳоро бетасдиқи онҳо бипурсад. Ҳукм:Ҳаром ва гуноҳи кабирае аз кабираҳост ва чил рӯз намозаш қабул намешавад. Далел фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст:"Касе ба назди арроф ояд, пас ӯро аз чизе бипурсад, чил рӯз намозаш қабул намешавад". (Ривояти Муслим)

Ва мақсад ин ки дар намозаш барои ӯ аҷр нест.

2-Касе назди онҳо ояд ва онҳоро бипурсад ва онҳоро тасдиқ намояд. Ҳукм:Ба он чизе ки бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст, куфр аст. Далел фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст:"Касе назди фолбин, ё коҳине равад, сипас гуфтаи ӯро тасдиқ намояд, ба он чизе ки бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст, кофир шудааст". (Ривояти Абӯдовуд, Насоӣ, Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Ҳоким)

## Тияра

Таърифи он дар луғат:Тияра аз татаюр гирифта шуда ва он фоли нек ва фоли бад задан аз чизе мебошад. Ва дар истилоҳи шаръ: Бадбиние, ки дар натиҷаи чизи дидашуда, ё шунидашуда, ё маълум пайдо мешавад.

Ҳукми татаюр:Татаюр тавҳидро нафй мекунад ва ин аз ду ваҷҳ аст:

1-Албатта фоли бад зананда таваккулаш бар Аллоҳро қатъ намуда ва ба ғайри Аллоҳ эътимод намудааст.

2-Албатта ӯ ба амре мутааллиқ шудааст, ки он ҳақиқат надорад, балки он ваҳму хаёл аст.

Далели наҳй аз татаюр, фармудаи Ӯ таъолост:"Огоҳ бошед, ҳамоно фоли бадашон фақат ба назди Аллоҳ аст, валекин бештари онҳо намедонанд". (Аъроф:131)

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"На сироят (ба зоти худ) таъсире дорад ва на фоли бад гирифтан, на бум таъсире дорад ва на моҳи сафар". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"(Ба паранда) фоли бад задан ширк аст". (Ривояти Абӯдовуд ва Тирмизӣ)

Аҳволи фоли бад зананда, аз ду ҳолат берун нест:

Якум ин ки худдорӣ мекунад ва барои ин фоли бад иҷобат мекунад ва корро тарк мекунад ва ин аз бузургтарини фоли бад задан аст.

Дуюм ин ки аз паи кораш меравад, лекин дар ноороми ва ҳамму ғам аст, аз таъсири он чизе ки ба он фоли бад зад метарсад ва ин низ аз фоли бад задан аст, локин ин аз якум дида сабуктар аст.

Ва ҳар ду амр дар тавҳид нуқсон меорад ва бар бандагон зарар аст.

Давои касе ки фоли бад задан бар қалбаш ворид шудааст, ин ки бигӯяд:"Эй Аллоҳ некиҳоро ба ҷуз Ту касе намеорад ва бадиҳоро ба ҷуз Ту касе бартараф намекунад ва қуввати аз гуноҳ гаштан ва қуввати ибодат карданро надорам, магар ба ёрии Ту". (Ривояти Абӯдовуд)

Ва инчунин мегӯяд:"Эй Аллоҳ! Парандае ҷуз парандаи Ту нест ва хайре ҷуз хайри Ту нест ва маъбуди (ҳаққе) ҷуз Ту нест". (Ривояти Аҳмад ва ҳадисро Албонӣ раҳимаҳуллоҳ саҳеҳ гуфтааст)

Сипас бар ӯ лозим аст:

1-Донистани зарари фоли бад задан.

2-Бо нафсаш ҷиҳод намудан.

3-Ба қазои  Аллоҳ ва тақдири Ӯ имон доштан.

4-Ба Аллоҳ гумони нек кардан.

5-Истихора намудан.

Ҳадди фоли бад задан, ки аз он наҳй шудааст:Паёмбар алайҳис салоту ва салом мефармояд:"Албатта фоли бад задан ба парвози паранда:

-он чизест, ки туро ба коре водор кунад,

-ё туро аз коре боз дорад". (Ривояти Аҳмад)

Фаъли нек маънояш:Сухани нек, ки инсон онро мешунавад, пас ба он умеди нек мекунад. Мисоли он:Шахсе ародаи сафар кард, пас шахсеро шунавид, ки мегӯяд:Эй Солим....пас ба он умеди нек кунад. Ҳукми ин:Ҷоиз (дуруст) аст. Далели ин фармудаи Ӯ алайҳис салоту ва салом аст:"Ва фаъл маро хуш меояд". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

**Фарқ байни фоли бад задан ва фаъл**:

Фоли бад задан ба паранда:Ба Аллоҳ гумони бад кардан ва чизе аз ҳуқуқи Ӯро барои ғайри Ӯ сарф кардан ва тааллуқи дилҳо ба махлуқе, ки фоидаву зарар намерасонад, мебошад.

Фаъл:Ба Аллоҳ гумони нек кардан, аз баровардани ҳоҷатҳо боз намегардонад.

## Танҷим

Таърифи он дар луғат:Танҷим масдари наҷҷама аст, яъне таълим гирифтани илми нуҷум, ё эътиқод доштан ба таъсири ситорагон. Ва дар истилоҳи шариат:Далел овардан ба ситорагон бар чизҳои махсус.

Қисмҳои илми нуҷум:Ду қисм аст.

1-Илми аҳком ва таъсир.

2-Илми асбоб ва тасйир.

Илми аҳком ва таъсир, се қисм аст:

1-Эътиқод доштан ба ин ситорагон фоилу таъсирбахш аст (яъне ҳодисаҳову бадиҳоро меофарад). Пас ин ширки акбар аст.

2-Онро сабабе қарор диҳад, ки ба он даъвои илми ғайб мекунад. Пас ин куфри акбар аст.

3-Эътиқод доштан ба ин нуҷум сабаби пайдоиши хайру шар аст ва фоил ҳамон Аллоҳ аст, пас ин эътиқод ҳаром ва ширки асғар аст.

Илми асбоб ва тасйир, ду қисм аст:

1-Ба сайри ситорагон бар масолеҳи динӣ далел овардан, пас ин матлуб аст. Мисоли ин:Ба ситорагон дар маърифати қибла далел овардан.

2-Ба ситорагон бар масолеҳи дунявӣ далел овардан ва ин ду навъ аст:

А-Ба ситорагон бар донистани ҷиҳатҳо далел овардан, пас ин ҷоиз аст.

Б-Ба ситорагон бар донистани фаслҳо далел овардан, қавли дуруст дар ин макруҳ набудани он аст.

Фоида:Ҳикмат дар офариниши ситорагон. Ва он се ҳикмат аст:

1-Албатта онҳо зиннати осмонанд.

2-Ва сангпора барои задани шайтонҳост.

3-Ва аломатҳоест, ки ба онҳо роҳ ёфта мешавад.

## Истисқо ба анво

Мурод ба истисқо:Талаби суқё (оби борон) кардан.

Анво ҷамъ аст, сиғаи танҳояш навъ аст ва навъ манзилҳои ситорагон аст ва он бисту ҳашт манзил аст. Ва мурод ба истисқои ба анво:Нисбат додани борон ба навъҳо (манзилҳои ситорагон) аст.

Қисмҳои талаби борон ба манзилҳои ситорагон:Се қисм аст:

1-Ширки акбар ва он ду сурат дорад:

А-Манзилҳои ситорагонро дуо намояд, то ки ӯро оби борон диҳад:Мисли ин ки бигӯяд:Эй манзили ситораи фалон ба мо борон деҳ, эй манзили ситораи фалон ба фарёди мо бирас.....ва монанди ин.

Б-Ҳосил шудани боронҳоро ба ин манзилҳои ситорагон нисбат диҳад, ки онҳо ба нафсашон фоиланд ба ҷуз Аллоҳ ва агарчи онҳоро дуо накунад.

2-Ширки асғар ва он ин манзилҳои ситорагонро сабаб гардондан аст.

3-Ҷоиз (дуруст) аст ва он гардонидани ин манзилҳои ситорагонро аз боби аломатҳо ва далелҳо, на аз боби сабабҳо ва на аз боби таъсиркунандагони мустақил.

Далел бар ҳаром будани талаби борон кардан ба манзилҳои ситорагон, фармудаи Ӯ таъолост:"Ба ҷои шукри неъмати Қуръон, ки ба шумо дода шуда, онро дурӯғ мешуморед". (Воқеъа:82)

Муҷоҳид гуфт:Яъне гуфтани онҳо дар манзилҳои ситорагон, ба ситораи инчунин ва ба ситораи инчунин борон дода шудем.

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:"Оё медонед парвардигоратон чи гуфт? Саҳобагон гуфтанд:Аллоҳ ва расулаш донотаранд. Фармуд:Бандагонам дар ҳоле субҳ карданд, ки баъзеашон ба Ман мӯъмин ва баъзеашон кофир шуданд. Пас касе ки гуфт:Ба фазлу раҳмати Аллоҳ борон борид, ба Ман мӯъмин гашт ва ба ситорагон кофир. Ва касе ки гуфт:Борон ба хотири фалон ва фалон ситора борид, ба Ман кофир гашт ва ба ситорагон мӯъмин шуд". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

## Риё (худнамоӣ)

Таърифи он дар луғат:Ошкор сохтани чизе барои дигаре, то ӯро бубинад. Ва дар истилоҳи шариат:"Ошкор сохтани тоат барои дигаре, то ӯро мардум бинанд ва ӯро таъриф намоянд".

Ҳукми риё:

А-Риёи андак, ширки асғар аст.

Б-Ҳамаи амалҳояш, ё бештари амалҳояш риё аст:Ширки акбар аст ва ин аз мӯъмин содир намешавад, балки он аломати мунофиқон аст.

Хатари риё:

1-Албатта он ширки асғар аст. Паёмбар алайҳис салоту ва салом фармуд:"Сахттарин чизе, ки Ман бар шумо метарсам, ширки асғар аст", пас аз он пурсида шуд, пас фармуд:"Риё (худнамоӣ) аст". (Ривояти Аҳмад)

2-Албатта онро мағфират карда намешавад, вақте ки соҳибаш аз он тавба накунад, аз рӯи фармудаи Ӯ таъоло:"Албатта Аллоҳ инро, ки ба Ӯ ширк оварда шавад, намебахшад ва ғайр аз онро барои ҳар кас бихоҳад, мебахшад". (Нисо:48) Ва ин ширки акбар ва асғарро шомил мешавад.

3-Албатта риё дар амале, ки омехта шавад, онро бекор мекунад.

Паёмбар алайҳис салоту ва салом фармуд: Аллоҳ таъоло фармуд:"Ман ниёзе ба шарик доштан надорам. Ҳар кас ки амале анҷом бидиҳад ва дар он каси дигареро бо Ман шарик созад, Ман ӯро бо ширкаш раҳо мекунам". (Ривояти Муслим)

4-Албатта он аз фитнаи Масеҳи Даҷҷол бузургтар аст. Паёмбар алайҳис салоту ва салом фармуд:"Оё ба шумо хабар бидиҳам аз чизе ки Ман барои шумо аз он ба қадре метарсам, ки аз Даҷҷол бароятон он қадар наметарсам? Гуфтанд:Гуфтем:Бале. Гуфт:Ва он ширки хафӣ аст. Мард барои намоз меистад, вақте мебинад, ки касе ӯро дида истодааст, намозашро зиннат медиҳад ва беҳтар мегузорад". (Ривояти Аҳмад)

## Ҳаргоҳ дар амал риё омехта шавад

Се ҳолат дорад:

Якум ин ки дар асл боис нишон додани мардум аст, пас ин ширк аст ва ибодат ботил аст.

Дуюм ин ки нияташ барои Аллоҳ бошад, сипас дар он риё дохил шавад ва барои ин ду ҳолат аст:

1-Бо нафсаш ҷиҳод кунад ва бо риё идома надиҳад ва ба он ором нагирад, пас ин бар он таъсир намекунад.

2-Барои риё ором шавад ва бо он идома диҳад ва онро дур накунад.

Ва ҳукми ибодат дар ин сурат:

А-Ҳаргоҳе амале бошад, ки охири он бар аввалаш бино намешавад. Пас он дуруст ва дар он чизе ки риё дохил шуд, пас ботил аст. Мисол:Марде сад риёл садақа дод, дар ҳоле ки холис буд, сипас шахсеро дид, пас сад риёли дигар аз рӯи риё садақа кард. Пас якумаш дуруст аст ва дуюмаш ботил аст.

Б-Агар охири он ба аввалаш бино мешавад, пас дар ин сурат ҳамаи ибодат ботил мешавад. Мисол:Марде ду ракаат барои Аллоҳ намоз мегузорид, пас бар ӯ риё дар ракаати дуюм дохил шуд ва онро дур накард ва бо он идома дод, пас инҷо ҳамаи намозаш ботил мешавад.

Сеюм:Баъди тамом шудани ибодат риё ворид шавад, бар он ҳеҷ таъсире надорад. Масъала:Касе таърифи мардумро шунавид, пас ба он шоду хурсанд шид:Дар ин сурат чизе нест, балки "он хушхабари дарҳолии мӯъмин аст". (Ривояти Муслим)

Масъала:Касе ба хотири мардум шуда амалро тарк кунад:Амал накардан ба хотири мардум риё аст.

Фарқ байни риё ва сумъат (шунавонидан):

Риё ба чашм тааллуқ дорад, (яъне амале мекунад, то мардум ӯро бубинанд ва ӯро ҳамду сано гӯянд).

Тасмиъ ба гуш тааллуқ дорад, (яъне амале мекунад, то мардум онро бишнавад ва бар ӯ сано гӯянд).

# Илоҷи риё

1-Фазли ихлосро ба ёд меорӣ.

2-Хатари риёро ба ёд меорӣ ва ин ки он амалро бекор менамояд.

3-Охиратро ба ёд меорӣ.

4-Медонад, ки мардум молики нафъу зарар нестанд.

5-Дуо ва аз ҷумлаи он:"Эй Аллоҳ, албатта ман ба Ту паноҳ мебарам аз ин ки ба Ту чизеро дониста шарик биорам ва аз Ту талаби мағфират мекунам аз он ширке, ки намедонам".

**Ҳаргоҳ дар амал риё омехта шавад**



## Мақсади инсон ба ибодаташ дунё бошад

Мақсад ба ин, ин аст ки инсон ибодати холисро анҷом диҳад, то маслиҳати дунявиро мубошаратан ба даст биёрад.

Мисолҳои ин:

1-Мисли шахсе, ки ҳаҷ мекунад, то мол бигирад.

2-Ва мисли шахсе ки барои гирифтани моли ғанимат меҷангад.

3-Ва мисли касе ки азон мегӯяд, то ки маоши моҳона бигирад.

4-Ва мисли касе ки илми шаръиро танҳо барои гирифтани диплом ва вазифа талаб мекунад.

Ҳукм бар ду қисм аст:

А-Бештари амалҳояш, ё ҳамаш барои иродаи дунё бошад, пас ин ширки акбар аст.

Б-Як амали муайянеро кунад ва ба он иродаи дунё дошта бошад, пас ин ширки асғар аст, амал ботил мешавад.

Аз мақсади инсон ба амалаш дунёро ҳазар додан.

Аллоҳ таъоло фармуд:"Касе ки зиндагонии дунё ва зиннати онро бихоҳад, (подоши) аъмолашро дар ин (дунё) ба таври комил ва тамом ба онҳо медиҳем ва чизе аз онҳо каму коста нахоҳанд шуд. Инон касоне ҳастанд, ки дар охират, ҷуз оташи (Ҷаҳаннам, насибе) нахоҳанд дошт ва он чиро дар дунё анҷом додаанд, бар бод рафтааст ва он чиро амал мекарданд, ботил аст". (Ҳуд:15-16)

Ва Паёмбар алайҳис салоту ва салом фармуд:"Касе илмро таълим гирад, ки ба он ризои Аллоҳ ҳосил мешавад, онро таълим намегирад, магар барои ҳосил кардани матоъи дунё, хушбӯии Ҷаннатро намеёбад, яъне бӯяшро". (Ривояти Аҳмад ва Абӯдовуд)

## Ҳалф (савганд хӯрдан) ба ғайри Аллоҳ

Таърифи ҳалф (ҳилф) дар луғат ба маънои мулозамат аст. Ва дар истилоҳи шариат:Таъкиди ҳукм ба зикри таъзимшудае ба ҳарфе аз ҳарфҳои қасам, ҳамон (вов, бо ва то) аст.

Номҳои дигари он: Ва номида мешавад: 1-Ямин ва 2-қасам.

Қасами шаръӣ онест, ки ба Аллоҳ бошад:(Монанди валлоҳ, биллоҳ ва таллоҳ). Ё ба номе аз номҳои Ӯ бошад, (монанди: Варраҳмон, валъазим, вассамиъ). Ё ба сифате аз сифатҳои Ӯ бошад, монанди:(Ба иззати Аллоҳ ва раҳмати Аллоҳ ва илми Аллоҳ).

Ҳукми қасам ёд кардан ба ғайри Аллоҳ. Ду қисм аст:

А-Ҳаргоҳ ӯро то дараҷаи ибодат таъзим намояд, монанди ин ки ӯро монанди таъзими Аллоҳ, ё аз он сахттар таъзим намояд, пас ин ширки акбар аст.

Б-Агар ӯро таъзим намояд, локин то ҳадди баробар кардани ӯ ба таъзими Аллоҳ нарасад, пас ин ширки асғар аст.

Далел бар ҳукми шахсе, ки ба ғайри Аллоҳ қасам ёд мекунад, фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст:"Касе ки ба ғайри Аллоҳ қасам ёд кунад, пас ба таҳқиқ кофир, ё мушрик шудааст". (Ривояти Аҳмад, Абӯдовуд ва Тирмизӣ)

Мисолҳо барои ба ғайри Аллоҳ қасам ёд кардан:

1-Ба авлиё қасам хӯрдан.

2-Ба ҷоҳу шарафи Паёмбар, ё ба ҷоҳу шарафи авлиё қасам хӯрдан.

3-Ба ҳаёти шахсҳо қасам хӯрдан.

4-Ба амонат, ё ба шараф қасам хӯрдан.

Хулосаи муфид барои аҳкоми қасам хӯрдан:

1-Ба ғайри Аллоҳ қасам хӯрдан ҳаром аст ва албатта он ширк аст.

2-Ба Аллоҳ аз рӯи дурӯғ қасам хӯрдан ҳаром аст ва он ғамус аст.

3-Ба Аллоҳ бисёр қасам хӯрдан ва агарчи ростгӯ бошад, ҳаром аст, ҳаргоҳ ба он ҳоҷат набошад, зеро ин қадрношиносӣ ба Аллоҳ субҳонаҳу аст.

4-Ба Аллоҳ қасам ҷоиз аст, ҳаргоҳ ростгӯ бошад ва ҳоҷат дошта бошад.

Каффорати касе, ки ба ғайри Аллоҳ қасам мехӯрад, ин ки бигӯяд:Ло илоҳа иллаллоҳ. Далел фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст:"Касе қасам хӯрад, пас дар қасамаш валлоти валъузо гуфт, пас бигӯяд:Ло илоҳа иллаллоҳ (яъне, нест маъбуди барҳақ ба ҷуз Аллоҳ)". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

## Шарик гардондани байни Аллоҳ ва байни яке аз халқаш ба ҳарфи (вов)

Мақсад ба он:(Ба ҳарфи вов атф кардан байни Аллоҳ ва байни яке аз халқаш дар кадом амре, ки барои махлуқ дар воқеъ шудани он дахолат дорад). Мисоли ин:

1-Мошоаллоҳ ва шиъта (он чиро, ки Аллоҳ хост ва ту хостӣ).

2-Арҷуллоҳа ва арҷука (аз Аллоҳ ва аз ту умед дорам).

3-Истаъанту биллоҳи ва бика (ба Аллоҳ ва ба ту ёрӣ металабам).

4-Маро ҷуз Аллоҳ ва ту касе нест.

5-Агар Аллоҳ ва фалонӣ намебуд, ҳароина ҳалок мешудам.

Ва монанди ин.

Ҳукм бар ду қисм аст:

А-Агар баробариро эътиқод кунад. Пас ин ширки акбар аст, ҳатто агар ба калимаи (баъд-ثُمَّ) ҳам бигӯяд.

Б-Агар баробариро эътиқод надошта бошад, пас он ширки асғар аст.

Қавли дуруст дар ин лафзҳо бар ду мартаба аст:

А-Ба(баъд-ثُمَّ) бигӯяд, беэътиқоди баробарӣ, мисли ин ки бигӯяд:Он чизе хост, баъд ту хостӣ, аз Аллоҳ баъд аз ту ёрӣ металабам.

Б-Ҳамаи амрро ба Аллоҳ равона кардан, пас мегӯяд:Он чиро Аллоҳи ягона хоста аст, ба Аллоҳи ягона ёрӣ металабам ва монанди ин ва ин беҳтар ва некӯтар аст.

Фарқ байни (вов) ва (сумма) дар ин лафзҳо:

Атф ба (вов) тақозои муқорана ва баробарӣ мекунад.

Атф ба (сумма) тақозои табаъият мекунад.

## Калимаи "لَوْ" агар

Истифодаи ин калима се ҳолат дорад:

1-Ҷоиз будан, ҳаргоҳ ба"لَوْ" бар ҷиҳати хабар додан, бигӯяду бас. Мисол:Агар дар дарс ҳозир мешудӣ, ҳароина фоида мегирифтӣ. Далел фармудаи Ӯ алайҳис салоту ва салом:"Агар дар аввали ҳол медонистам, он чизеро, ки баъд донистам (аз дуруст будани умра дар моҳҳои ҳаҷ) ҳадя намеовардам ва ҳароина бо шумо аз эҳром мебаромадам". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

2-Мустаҳаб аст, ҳаргоҳ ба "لَوْ" агар дар таманнои кори хайр бигӯяд. Мисол:Агар ман мол медоштам, ҳароина ба он садақа мекардам. Ва далел фармудаи Ӯ алайҳис салоту ва салом дар қиссаи чор нафар, ки якеи онҳо гуфт:"Агар ман мол медоштам, ҳароина монанди фалонӣ амал мекардам" яъне таманнои кори хайр кард. Пас Паёмбар алайҳис салоту ва салом фармуд:"Пас он ба мувофиқи нияташ аҷр дода мешавад, пас аҷри ҳардуяшон баробар аст". (Ривояти Аҳмад ва Тирмизӣ)

3-Наҳй аст, ҳаргоҳ ("لَوْ" агар)-ро дар се сурат бигӯяд:

А-Бар шаръ эътироз кардан, далели ин фармудаи Ӯ таъолост: "Агар моро итоат мекарданд, кушта намешуданд". (Оли Имрон:168)

Б-Эътироз ба қадар кардан, далели ин фармудаи Ӯ таъолост: "Агар дар пеши мо мешуданд, намемурданд ва кушта намешуданд". (Оли Имрон:156)

Ҷ-Таманнои кори бад кардан ва далели ин ҳадиси чор нафар, вақте ки якеи онҳо гуфт:"Агар ман мол медоштам, ҳароина монанди амали фалонӣ мекардам", пас ин таманнои кори бад кард, пас Паёмбар алайҳис салоту ва салом фармуд:"Пас он ба мувофиқи нияташ ҷазо дода мешавад, пас гуноҳашон баробар аст".

## Дашноми даҳр (замон)

Мақсад ба он:(Дашном, мазаммат ва зишт шумоਰидани даҳр, ки он замон ва вақт аст), мебошад.

Ҳукми дашноми даҳр се қисм мебошад:

1-Маҳзи хабар доданро бемаломат қасд карда мешавад, пас ин ҷоиз аст. Мисоли ин:Имрӯз аз гармии сахт монда шудем. Ва монанди гуфтаи Лут алайҳис салом:"Ин рӯзи сахт аст".

2-Даҳрро дашном диҳад, бар ин ки он фоил аст, мисли ин ки эътиқод кунад, ки ҳамон даҳр умурро аз хайр ба сӯи шар мегардонад, пас ин ширки акбар аст.

3-Даҳрро дашном диҳад, зеро он маҳали ин амри нохуш аст, дар назди ӯ ба эътиқоди ин ки фоил ҳамон Аллоҳ аст, пас ин ҳаром ва аз гуноҳони кабира аст.

Дашноми даҳр азият барои Аллоҳ таъолост.

Паёмбар алайҳис салоту ва салом фармуд:Аллоҳ таъоло мегӯяд: "Фарзанди Одам Маро озор медиҳад, замонаро дашном медиҳад, дар ҳоле ки манам замона, чун шабу рӯзро Ман мечархонам". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим) Ва маънои:"Манам замона", яъне Ман идоракунанда ва гардонандаи он ҳастам.

ТАНБЕҲ:ал-Даҳр аз номҳои накӯи Аллоҳ нест.

## Ду қоидаи нофеъ дар лафзҳо

1-Воҷиб будани ҳифзи забон аз суханони ҳаромшуда, монанди ғайбат, суханчинӣ ва дурӯғгӯӣ.

Ва аз суханони ширкӣ, монанди ба ғайри Аллоҳ қасам хӯрдан, зеро инсон аз ҳамаи он чизе ки мегӯяд, мавриди ҳисоб қарор мегирад:"Ҳеҷ суханеро бар забон намеорад, магар ин ки наздаш муроқибе ҳозир (ва омодаи навиштан) аст". (Қоф:18)

Ва гоҳо инсон ба сабаби як калимае ки мегӯяд, аз Ислом хориҷ мешавад, пас аҳамият додан ба забти лафзҳо ва калимаҳо воҷиб мебошад.

2-Лафзҳо ва калимаҳое, ки эҳтимоли ширкро дорад, истифодаи онҳо ҷоиз намебошад, зеро аз истифодаи онҳо аз воқеъ шудани дар ширк тарсида мешавад, ё ин ки бобе барои ширк мебошад.

## Бидъат

Таърифи он дар луғат:Чизе, ки бар ғайри мисоли собиқ ихтироъшуда аст.

Ва дар шариат:Он чизе, ки дар дин бедалел пайдо шудааст.

Қисмҳои ибтидоъ (навоварӣ):

1-Навоварӣ дар одатҳо, монанди навоварии ихтирооти навпайдо ва ин мубоҳ аст, зеро асл дар одатҳо ибоҳат (мубоҳ) аст.

2-Навоварӣ дар дин ва ин ҳаром аст, зеро асл дар умури дин тавқифӣ аст.

Қисмҳои навоварӣ дар дин се қисм аст:

1-Бидъатҳои эътиқодӣ ва он ба хилофи он чизе, ки Аллоҳ хабар дода ва ба он Расулаш саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар дода эътиқод кардан аст. Мисоли он:Монанди бидъати ташбеҳ кардан, ё бекор кардани (сифатҳои Аллоҳ) ва бидъати нафй тақдир мебошад.

2-Бидъати амалӣ ва он Аллоҳро ба ғайри он чизе ки машрӯъ сохтааст, бандагӣ намудан ва ин ба:

А-Пайдо кардани ибодате, ки дар шаръ наомадааст.

Б-Ё дар ибодати шаръӣ чизе зиёд, ё кам кардан аст.

Г-Ё ибодати шаръиро бар сифати бидъатӣ анҷом додан аст.

В-Ё хос гардонидани вақт барои ибодати шаръӣ, ки шариат барои он вақте таҳдид накардааст.

Мисоли он:Бар болои қабрҳо бино кардан ва идҳо ва ҷашнҳои навпайдо.

3-Бидъати тарк ва он тарки мубоҳ, ё тарки он чизе ки иҷрои он аз рӯи бандагӣ талабшуда аст. Мисоли он:Хӯрдани гуштро аз рӯи бандагӣ (ибодат) тарк кардан.

Қисмҳои бидъат ба эътибори ҳукми он, ду қисм аст:

1-Бидъати мукаффира (кофиркунанда) соҳибашро аз Ислом хориҷ мекунад, мисоли он:Бидъати рафз (шиаҳои рофизӣ) ва махлуқ гуфтани Қуръон.

2-Бидъати муфассиқа (фосиқӣ) соҳибаш гунаҳгор мешавад, лекин аз Ислом хориҷ намешавад.

Мисоли он:Бидъати зикри ҷамоъӣ ва бидъати хос гардонидани шаби понздаҳуми моҳи Шаъбон ба ибодат.

Аз бидъатҳо ҳазар кунондан ва радди онҳо:

Дар ин як оят ва ду ҳадис басандааст:

1-Фармудаи Ӯ таъоло:"Имрӯз дини шуморо комил кардам ва неъмати худро бар шумо тамом намудам ва Исломро (ба унвони) дин барои шумо ихтиёр кардам". (Моида:3)

2-Фармудаи Ӯ алайҳис салоту ва салом:"Касе дар амри мо чизе пайдо кунад, ки аз он нест, пас он радшудааст". (Ривояти Бухорӣ ва Муслим) Ва дар ривояти Муслим:"Касе амале кунад, ки бар он амри мо нест, пас он радшуда аст".

3-Фармудаи Ӯ алайҳис салоту ва салом:"Ва бадтарини амрҳо пайдошудаи онҳост (ва ҳар пайдошуда бидъат аст) ва ҳамаи бидъат гумроҳӣ аст (ва "соҳиби" ҳамаи гумроҳӣ дар оташ аст)". (Ривояти Муслим ва ду зиёдатие, ки дар байни қавс аст аз ривояти Насоӣ аст).

Оё бидъати ҳасана (нек) ва бидъати сайиъа (бад) вуҷуд дорад?

Касе ки бидъатро ба:

1-Бидъати ҳасана, 2-бидъати сайиъа тақсим кардааст, пас ӯ ғалаткор ва хатокор ва мухолифи фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст:"Пас албатта ҳамаи бидъатҳо гумроҳӣ аст", зеро ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар ҳамаи бидъатҳо ҳукм бар залолат ва гумроҳӣ карда аст ва ин мегӯяд:Ҳамаи бидъат гумроҳӣ нест, балки онҷо бидъати ҳасана аст.

Сабабҳое, ки ба зуҳури бидъатҳо расондааст, аз ҷумлаи он:

1-Ҳукмҳои динро надонистан.

2-Пайравии ҳаво (хоҳишоти нафс).

3-Барои раъйҳо ва мардон таассуб кардан.

4-Ба кофирон ташбеҳ намудан.

5-Бар ҳадисҳои бофтае, ки асос надоранд, такя кардан.

6-Одатҳо ва хурофот, ки бар он шариат далолат намекунад ва ақл барои он шаҳодат намедиҳад.

Ду қоидаи муҳим, ки дар шинохтани бидъатҳо ва радди он фоида медиҳад.

Якум:Асл дар ибодатҳо манъ, ҳазар ва таваққуф (истодан) аст, то далеле бар ҷоиз будани он аз шариат бошад.

Дуюм:Ҳар ибодате, ки муқтазои феъли он ва доӣ ба сӯи он дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам вуҷуд дошт ва онро Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам накард ва на саҳобагони киром карданд, ин тарки онҳо бар шаръӣ набудани он далолат мекунад.

Ду танбеҳи муҳим:

Якум:Имом Молик раҳимаҳуллоҳ таъоло гуфт:(Касе дар Ислом бидъате оварад у онро нек шуморад, пас ба дурусти гумон карда аст, ки Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар адои рисолат хиёнат кардааст, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:"Имрӯз дини шуморо комил кардам", пас чизе ки дар он рӯз дин набуд, пас имрӯз ҳам дин намебошад).

Дуюм:Шайх Албонӣ раҳимаҳуллоҳу таъоло мегӯяд: (Воҷиб аст, ки бидонем ин ки хурдтарини бидъате, ки мард онро дар дин меорад, он ҳаром аст. Пас дар бидъатҳо нест, ҳамонгуна ки баъзеҳо вахм мекунанд, он чизе ки танҳо дар мартабаи макрӯҳ бошад).

Баъзе бидъатҳое, ки дар уммат мунташир аст:

1-Ҷашн гирифтани мавлуди набавӣ ва дигар мавлудҳо.

2-Ҷашн гирифтани шаби Исро ва Меъроҷ.

3-Ҷашн гирифтани шаби понздаҳуми моҳи Шаъбон.

4-Ҷашн гирифтани иди мелод.

5-Табаррук намудан ба маконҳо, осор ва шахсҳои зинда ва мурда.

6-Зикри ҷамоъӣ.

7-Талаби хондани фотиҳа бар арвоҳи мурдагон ва дар муносибатҳо.

8-Хос гардондани моҳи Раҷаб ба умра ва ибодатҳои хос.

9-Дар намоз баланд ният кардан (яъне талафуз кардани ният).

10-Ба обурӯи шахсҳо ва ҳаққи онҳо тавассул ҷустан.

**Китобҳое, ки дар шинохтани бидъатҳо фоида мерасонанд:**

1-ат-Таҳзир мин-ал-бидаъ аз шайх Абдулазиз ибни Боз раҳимаҳуллоҳ таъоло.

2-ас-Сунан вал мубтадаъот аз шайх Муҳаммад Абдуссалом ал-Қушайрӣ.

3-ал-Бидаъ вал муҳдасот ва мо ло асла лаҳу. Ҷамъ ва эъдоди: Ҳамуд ал-Матар.

4-ал-Ибдоъ фи мазорр-ил-ибтидоъ аз шайх Алӣ Маҳфуз.

5-ал-Бидаъ ал-ҳавлия аз шайх Абдуллоҳ ал-Тувайҷирӣ.

ФОИДА:Пайравӣ мутаҳаққиқ намешавад, магар вақте ки амал шариатро дар шаш амр мувофиқат кунад:

| М | Шарти мутобаат (пайравӣ) | Мисоли мухолафат |
|---|---|---|
| 1 | Сабаб | Монанди касе ки ду ракаат намоз ба сабаби боридани борон хонад. |
| 2 | Ҷинс | Монанди касе ки закоти фитрро ба пул пардохт кардааст. |
| 3 | Миқдор | Монанди касе ки намози шомро қасдан чор ракаат хондааст. |
| 4 | Чигунагӣ | Монанди касе ки вузӯро аз пояш сар карда дар рӯяш тамом карда аст. |
| 5 | Замон | Монанди касе ки дар Рамазон қурбонӣ кардааст. |
| 6 | Макон | Монанди касе ки дар саҳроҳову даштҳо эътикоф мешинад. |

## Даъват ба сӯи тавҳид

Шаъни даъват ба сӯи  Аллоҳ ва фазли он бузург аст ва он вазифаи расулон ва анбиё ва майдони солеҳон ва авлиё аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:"Бо ҳикмат ва панди накӯ (мардумро) ба роҳи Парвардигорат даъват намо ва бо равише, ки некӯтар аст, бо онҳо (баҳс ва) мунозара кун". (Сураи Наҳл, ояти:125)

Ва Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мефармояд:"(Эй Паёмбар!) Бигӯ: Ин роҳи Ман аст, ман бо басирати (комил) ба сӯи Аллоҳ даъват мекунам ва касоне ки аз Ман пайравӣ кардаанд (низ чунин мекунанд)". (Сураи Юсуф, ояти:108)

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд:"Пас, қасам ба Аллоҳ, ҳароина агар Аллоҳ ба сабаби ту як мардро ҳидоят кунад, барои ту аз шутурони сурх дида беҳтар аст". (ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармояд:"Пас касе ба сӯи ҳидоят даъват кунад, барои ӯ  аз аҷр монанди аҷри касонест, ки ӯро пайравӣ кардаанд, ин аз аҷри онон чизеро кам намекунад". (Ривояти Муслим)

Тавҳид аввалин чизест, ки ба сӯи он даъват мешавад:

Аввалин чизе ки бояд դониста шавад, фаҳмида шавад, амалӣ гардад ва ба сӯи он даъват карда шавад, ҳамон тавҳид аст. Ва далел фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, вақте Муозро ба сӯи Яман фиристод:"Пас аввалин чизе ки онҳоро ба сӯи он даъват мекунӣ, шаҳодат додани ин ки "нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ" бошад ва дар ривояте:"то ки Аллоҳро ягона бипарастанд". (ривояти Бухорӣ ва  Муслим)

Аз ҷумлаи василаҳое, ки барои ҳама муносиб аст ва дар он машаққати бузург нест:

1-Чопу нашри китобҳо ва варақаҳои печидае, ки ба сӯи тавҳид даъват мекунад ва тақсими он.

2-Мавриди хитоб қарор додани тоҷирон барои саҳм гузоштан дар чоп ва нашри китобҳои тавҳид ва ақида.

3-Нусха бардоштан ва тақсими касетаҳое, ки тавҳидро тавзеҳ ва баён мекунад ва ба сӯи он даъват мекунад.

4-Суханронӣ, мавъизаҳо, хутбаҳо ва маърӯзаҳо аз мавзӯи тавҳид, касе ки инро метавонад, ё ҷобаҷо кунӣ ва тартиб додани он бо ҳамроҳи олимон ва доиён.

5-Таълими фарзандон ва аҳли хонавода дар хона усули тавҳид-ро ва ба онҳо китобҳои ақидаро дарс додан ва ҷудо кардани мукофотҳо ва ҳавасмандкунии онҳо.

Муҳимтарин китобҳои тавҳид ва ақида

Ин рӯйхати нофеъ ба муҳимтарин китобҳои тавҳид ва ақида аст.

Бародари мусалмон туро ба харидани ва хондани он насиҳат мекунам, то басиратат дар динат зиёд шавад ва то роҳи наҷот ва саломатеро, ки касе ба он биравад, пирӯз шавад ва баҳра бардор-ад, бишиносӣ ва касе аз он роҳ рӯй гардонад, зарару зиён бинад.

Ва бародари карим бидон, ки омӯхтани тавҳид ва ақида бузургтарини қисмҳои фиқҳӣ дар дин аст. Пас ба дурустӣ баъзе олимон фиқҳро ба:

1-Фиқҳи акбар ва мақсадашон ба он масъалаҳои тавҳид ва ақида аст.

2-Фиқҳи асғар ва мақсадашон ба он фиқҳи аҳком аз ибодатҳо ва муомалот аст, тақсим кардаанд.

Ва инак унвонҳои китобҳо:

1-Усули салоса.

2-Қавоиди арбаа.

3-Кашфи шубуҳот.

4-Китоби тавҳид. Ҳамаашон аз они шайхи муҷаддид Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб раҳимаҳуллоҳ аст.

5-Маҷмуат-ут-тавҳид ан-Наҷдия.

6-Фатҳ-ул-маҷид шарҳу китоб-ит-тавҳид.

Аз они шайх Абдураҳмон ибни Ҳасан.

7-Тайсир-ул-азиз-ил-ҳамид шарҳу китоб-ит-тавҳид.

Аз они шайх Сулаймон ибни Абдуллоҳ.

8-Маъориҷ-ул-қубул.

9-Аълом-ус-суннат-ил-маншура.

Ва ҳардуяшон аз шайх Ҳофизи Ҳакамӣ аст.

10-ал-Қавл-ул-муфид ало китоб-ит-тавҳид.

Аз шайх Муҳаммад ибни Солеҳ ал-Усаймин.

11-Китоб-ут-тавҳид.

12-ал-Иршод ило саҳеҳ-ил-эътиқод.

Ва ҳардуяшон аз они шайх Солеҳ ал-Фавзон аст.

13-Ақидаи Воситияи аз Шайх-ул-Ислом ибни Таймия аст.

14-Шарҳ-ул-ақидат-ил-Воситияи аз шайх Муҳаммад ал-Усаймин.

15-Шарҳ-ул-ақидат-ил-Воситияи аз шайх Солеҳ ал-Фавзон.

16-ал-Қавоид-ул-мусло фи сифотиллоҳи ва асмоиҳил ҳусно аз шайх Муҳаммад ал-Усаймин.

17-ал-Ақидат-ут-Таҳовия ва шарҳуҳо аз ибни Абилиз ал-Ҳанафӣ.

Ва бар қироати китобҳо ва фатвоҳои ин шахсиятҳо кӯшиш кун!:

1-Шайх-ул-Ислом ибни Таймия.

2-Ва шогирди Ӯ имом ибни Қайим.

3-Шайх-ул-Ислом Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ва навасаҳои ӯ аз имомҳои даъват.

4-Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз.

5-Шайх Муҳаммад ибни Солеҳ ал-Усаймин.

6-Шайх Абдуллоҳ ал-Ҷибрин.

7-Шайх Солеҳ ал-Фавзон ва ғайрашон аз олимони Ислом, ки ба тавҳиди саҳеҳ ва эътиқоди саҳеҳ маъруф гаштаанд.

Хотима

Дар поёни ин рисола ба сӯи Аллоҳ таъоло ба сано ва шукр рӯй меоварам бар он тавфиқ ва осоние, ки ба он миннат ниҳод. Ва чашм медорам, ки ин рисола ба таҳқиқ дар тавзеҳи тавҳид мусоадат намуда ва дар қариб кардани аҳкоми он ва осон кардани масъалаҳои он саҳм гузоштааст.

Ҳамчунон Аллоҳ олию қадирро мепурсам, ки ҷазои нек диҳад ҳар шахсеро, ки дар нашру чопи ин рисола саҳм гузоштанд ва ин ки барои онҳо аҷру савоброро бузург гардонад.

Ва салоти Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва бар аҳли Ӯ ва ҳамсуҳбатонаш ба якборагӣ нозил бод.

**АБДУЛЛОҲ ИБНИ АҲМАД АЛ-ҲУВАЙЛ**

Тарҷумаи ин китоб ба фазлу раҳмати Аллоҳ таъоло, рӯзи душанбе, соати:10:57, 16 январи 2017 мелодӣ мувофиқи 19 рабиъус сонӣ 1438 ҳиҷрӣ ба поён расид.

✍Ба қалами:**ШАҲОБИДДИН СОЛЕҲ**